

# Ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ дар соҳаи идоракунии захираҳои об дар Осиёи Марказӣ

Роҳнамои амалӣ барои кормандони соҳаи хоҷагии об

OSCE
Organization for Security and
Co-operation in Europe

Ulkoministeriö
Utrikesministeriet

Ministry for Foreign
Affairs of Finland

Нашрияи мазкур дар чорчӯбаи марҳилаи дувуми лоиҳаи “Занон, идоракунии захираҳои об ва пешгирии низоъҳо” бо дастгирии молиявии Ҳукумати Финландия таҳия шудааст.

© 2020 Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА)

Лоиҳа аз ҷониби Дафтари Ҳамоҳангсози фаъолияти иқтисодӣ ва экологии САҲА дар ҳамкорӣ бо шӯъбаи САҲА оид ба масъалаҳои гендерӣ идора карда мешавад.

**Дастгирии ташкилӣ, кӯмак дар идоракунии лоиҳа ва роҳнамоии умумӣ:**
Сауле Оспанова, Согол Ҷафарзаде, Ҷулия Секки ва Абдулваҳҳоби Мӯъминҷониён

**Таҳияи мавод ва кори таҳқиқотӣ:**
Хуана Вера Делгадо ва Нозила Муҳамедова

**Муҳаррир:**
Ҷефф Ҳюз, Шабакаи экологии “Зой”

**Тарроҳӣ ва саҳифабандии компютерӣ:**
Каролин Даниэл, Шабакаи экологии “Зой”

Андешаҳои дар ин мавод изҳоршуда нуқтаи назари расмии САҲА-ро инъикос намекунанд. Аломатҳои истифодашуда ва инъикоси мавод дар нашрияи мазкур изҳори ҳар гуна ақидаи ин созмон нисбат ба мақоми ҳуқуқии ҳар гуна кишварҳо, ҳудудҳо, шаҳрҳо, минтақаҳо ё мақомоти ҳокимияти онҳо, инчунин аломатгузории (делимитатсияи) сарҳадҳои онҳоро дар назар надорад.

Нусхаи пешнависи нашрияи мазкур ба иштироккунандагони семинар оид ба омода намудани тренерҳо дар Ӯзбекистон моҳи ноябри соли 2019 пешниҳод шудааст; ҳангоми таҳия кардани ин гузориши ниҳоӣ таҷриба ва ғояҳои иштироккунандагони он аз Осиёи Марказӣ истифода шудаанд. Мо барои баргузории чорабинии мазкур аз Дафтари ҳамоҳангсози лоиҳаҳои САҲА дар Ӯзбекистон сипосгузорем.

Ба кормандони Дафтари Ҳамоҳангсози фаъолияти иқтисодӣ ва экологии САҲА, шӯъбаи САҲА оид ба масъалаҳои гендерӣ, шӯъбаи иттилоот ва ҳамкорӣ бо воситаҳои ахбори оммаи дафтари Котиби генералии САҲА, шӯъбаи Маркази САҲА оид ба пешгирии низоъҳо дар Осиёи Марказӣ, дафтари ҳамоҳангсози лоиҳаҳои САҲА дар Ӯзбекистон ва ҳайати намояндагони Финландия дар САҲА, ки дар таҳияи нашрияи мазкур иштирок карданд, сипоси худро иброз медорем.

# Мундарича


**Муқаддима** ........ **4**

Саҳ. 5 Гендер ва ҳуқуқи инсон
Саҳ. 6 Асосдорсозии ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ
Саҳ. 6 Масъалаҳои гендерӣ ва муҳити зист
Саҳ. 7 Идоракунии захираҳои об ва омилҳои гендерӣ
Саҳ. 7 Идоркунии захираҳои об дар Осиёи Марказӣ ва омилҳои гендерӣ

**Идоркунии захираҳои об дар Осиёи Марказӣ** ........ **8**

Саҳ. 9 Принсипҳои идоракунии оқилонаи захираҳои об
Саҳ. 11 Навъҳои дигари истифода ва тағйири иқлим
Саҳ. 11 Захираҳои фаросарҳадӣ
Саҳ. 12 Идоракунии захираҳои об, ки бар иштироки васеъ ва муҳокима асос ёфтааст

**Масъалаҳои ташкилӣ** ........ **14**

Саҳ. 15 Рушди зарфият
Саҳ. 17 Таҳияи буҷет
Саҳ. 19 Интихоби кормандон

**Ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ дар кори созмонҳо** ...... **20**

Саҳ. 22 Шарҳи умумӣ
Саҳ. 23 **Марҳилаи 1.** Таҳлил кардани ҷанбаҳои гендерии кори созмон
Саҳ. 25 **Марҳилаи 2.** Таҳия кардани консепсияи дақиқи уҳдадориҳои созмон дар мавриди ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ
Саҳ. 26 **Марҳилаи 3.** Таҳия кардани нақшаи амал оид ба масъалаҳои гендерӣ
Саҳ. 28 **Марҳилаи 4.** Таҳия кардани маҷмӯи нишондиҳандаҳо
Саҳ. 30 **Марҳилаи 5.** Эҷод кардани системаи таҳияи буҷет ва ҳисоботдиҳӣ

**Ихтисораҳо** ........ **31**

**Адабиёт** ........ **32**

**Замима. Маводҳо барои таҳлил кардани ҷанбаҳои гендерии кори созмон** ........ **33**

# Муқаддима



Тоҷикистон
Зане дар лаби канали обёрӣ
© Peter van Agtmael/Magnum Photos

Панҷ кишвари Осиёи Марказӣ – Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон – ва тамоми минтақа дар соҳаи идоракунии захираҳои об бо мушкилоти назаррас рӯбару ҳастанд.



Дар баробари афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисод дар ин кишварҳо, талабот ба об, на танҳо барои ошомидан ва қонеъ кардани ниёзҳои маишӣ, балки барои қонеъсозии талаботи соҳаи саноат, обёрии заминҳои кишоварзӣ ва гидроэнергетика низ афзоиш меёабад. Аз нигоҳи таъминот, тағйирёбии иқлим ҳароратро афзоиш медиҳад, режими боришотро барҳам мезанад ва пиряххоро об мекунад ва ҳамаи ин падидаҳо боиси коҳиш ёфтани захираҳои об ё вақти мавҷуд будани миқдори кофии об мешаванд. Тӯфонҳо, хушксолиҳо ва дигар зуҳуроти шадиди обу ҳаво метавонанд ҳам ҳаҷми захираҳои обро тағйир диҳанд ва ҳам талаботро ба захираҳои об афзоиш диҳанд.

Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) ба истифодаи оқилона аз захираҳои об тавассути ташкил кардани курсҳои омӯзишӣ оид ба идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои об, дастгирии ассосиатсияҳои истифодабарандагони об ва шӯроҳои ҳавзаҳои дарё, инчунин ҷалби намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат менамояд. САҲА фаъолиятҳоро дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, ҳукуматҳои кишварҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба роҳ монда, ба рафъи масъалаҳои муҳити зист ва амният дар соҳаҳои гуногун ёрӣ мерасонад. Созмон лоиҳаҳо ва чорабиниҳоеро дастгирӣ менамояд, ки ба таъмин намудани идоракунии устувори захираҳои табиӣ, махсусан об, дар дохили кишвар ва байни кишварҳо, ба коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ, ба ҳалли масъалаҳое, ки бо тағйирёбии иқлим алоқаманданд ва ба рафъи бехатари партовҳои хатарнок равона шудаанд.

Дар ҳамаи барномаҳои худ ва ҳангоми расонидани кӯмаки техникӣ ба ҳукумати кишварҳои узви созмон, САҲА омилҳои гендериро ба эътибор мегирад. САҲА роҳнамои мазкурро барои ба эътибор гирифтани масъалаҳои гендерӣ дар соҳаи идоракунии захираҳои об дар Осиёи Марказӣ таҳия кардааст, ки барои кормандони соҳаи хоҷагии об дар минтақаи мазкур судманд аст. Ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ дар соҳаи идоракунии захираҳои об ба суботу амният мусоидат менамояд, чунки метавонад самаранокии фаъолиятҳои амалишавандаро баланд бардорад ва ба коҳиши нобаробариву шиддати иҷтимоӣ натиҷа диҳад. Вақте, ки занону мардон ба дараҷаи баробар масъалаҳои чӣ гуна истифода бурдани обро ҳал мекунанд, ин чорасозиҳо бештар ба қонеъсозии талаботи гурӯҳҳои мушаххас равона мешаванд ва ниёзмандиҳои тамоми аҳолиро беҳтар ба эътибор мегиранд.

## Гендер ва ҳуқуқи инсон

Дар санадҳои Раёсати Комиссари олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон зикр шудааст, ки "баробарии гендерӣ ҷанбаи марказии ҳуқуқи инсон ва арзишҳои СММ мебошад. Принсипи бунёдии Оинномаи СММ, ки тавассути роҳбарони ҷаҳон соли 1945 қабул шуд буд, "баробарҳуқуқии мардону занон" мебошад ва барои ҳифз ва тарғиби ҳуқуқи инсонии занон ҳамаи кишварҳо масъулият бар дӯш доранд".[1] Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид ба эътибор гирифтани масъалаҳои гендериро ҳамчун стратегияи ҳамгиросозии масъалаҳои нигаронкунанда ва таҷрибаи мардону занон дар сиёсатҳову барномаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба фоидаи баробари занону мардон ва ҳадафи ниҳоии муваффақ шудан ба баробарии гендерӣ баррасӣ менамояд.[2]

"СММ-Занон" – ниҳоди Созмони Милали Муттаҳид аст, ки бо масъалаҳои баробарӣ ва тавонмандсозии занон аз нигоҳи ҳуқуқу имкониятҳо сарукор дорад, – ба ғояи мазкур такя менамояд ва аҳамияти онро шарҳ медиҳад.

Аслан, баробарии байни мардону занон ҳадафи ҳамаҷониба ва дарозмуҳлати соҳаи рушд мебошад, дар ҳоле, ки ба эътибор гирифтани масъалаҳое, ки бо ҷинс алоқаманданд, маҷмӯи методҳои мушаххас ва ба дурнамои стратегӣ равонашуда, инчунин равандҳои техникӣ ва ташкилӣ-маъмурие мебошанд, ки барои муваффақ шудан ба ҳадафи мазкур пешбинӣ шудаанд. Ба эътибор гирифтани ҷанбаҳое, ки бо ҷинс алоқаманданд, ҷорисозии масъалаҳои баробарии мардону занонро ба фаъолиятҳои созмонҳои давлативу хусусӣ дар сатҳи кишвар, ба барномаҳои марказиву маҳаллӣ ва ба фаъолиятҳои хадамоту барномаҳои соҳавии дахлдор таъмин менамояд. Дар дурнамои дарозмуҳлат ҳадафи он – тағйир додани ниҳодҳои ҷамъиятӣ, қонунҳо, меъёрҳои фарҳангиву анъанаҳои маҳаллие мебошад, ки хусусияти табъизомез доранд, масалан, дастрасии занонро ба ҳуқуқи молумулкӣ ё ба иншоотҳои истифодаи ҷамъиятӣ маҳдуд менамоянд.[3]

Ба эътибор гирифтани омилҳои гендериро низоми Созмони Милали Муттаҳид ва ҷомеаи байналмилалӣ ҳамчун рӯйкарде интихоб кардааст, ки ҳадафи он таъмин намудани ҳуқуқи занону духтарон ҳамчун як ҷузъи мафҳуми васеътари ҳуқуқи инсон мебошад ва Созмони Милали Муттаҳид ба он содиқ аст. Баробарии генедерӣ – ҳадаф аст ва ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ – раванд мебошад.[4]

[1] OHCHR, Women's Human Rights and Gender Equality

[2] UN Women, Guidance Note: Gender Mainstreaming in Development Programming (New York, 2014)

[3] Ҳамон ҷо.

[4] UNICEF, Gender Equality: Glossary of Terms and Concepts. (UNICEF Regional Office for South Asia, 2017), саҳ. 4

## Асосдорсозии ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ

Аз нигоҳи амалӣ, ба эътибор гирифтани масъалаҳои гендерӣ имкон медиҳад, ки сиёсат ва идоракунии лоиҳаҳо ба шарофати ҷанбае такмил дода шаванд, ки ниёзмандиҳои ҳамаи одамон дар гурӯҳҳои дахлдор ба назар гирифта мешаванд ва ба нобаробарӣ роҳ дода намешавад. Ба эътибор гирифтани масъалаҳои гендерӣ низ зимнан таҳлили вазъи мавҷударо дар назар дорад, то нобаробарӣ ошкор карда шавад ва сипас, тадбирҳое таҳия шаванд, ки нобаробариро рафъ намоянд ва механизмҳое, ки ба пайдоиши он натиҷа додаанд, бекор кунанд.  Ғайр аз ин, донорҳои байналмилалӣ ва созмонҳои дигар, бо эҳтимоли бештар, ҳамон созмонҳоеро дастгирӣ менамоянд, ки дар фаъолияти рӯзмарраи худ ҷанбаҳои гендериро ба эътибор мегиранд.

− **Нобиноӣ дар масъалаҳои гендерӣ** – ин эътироф накардани нақшҳову ухдадориҳое, ки ба занон ва (ё) духтарон ва мардон ва (ё) писарон дар вазъияти мушаххаси иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ нисбат медиҳанд ё таҳмил менамоянд.[6]

+− Санадҳо, барномаҳо ё вазъиятҳои **аз нигоҳи гендерӣ бетарафона** аз нуқтаи назари муносибатҳо ё баробарии байни занону мардон ягон таъсири муайяни мусбат ё манфӣ надоранд.[7]

\+ Барномаҳову санадҳое, ки **масъалаҳои гендериро инъикос мекунанд**, меъёрҳо, нақшҳо ва нобаробарии дахлдорро баррасӣ менамоянд ва таваҷҷуҳро ба масъалаҳои мазкур ҷалб мекунанд, ҳарчанд тадбирҳои зарурӣ мумкин аст ба таври ҳатмӣ андешида нашаванд.[8]

++ Барномаҳову санадҳое, ки **омилҳои гендериро ба эътибор мегиранд**, меъёрҳо, нақшҳо ва нобаробарии дахлдорро баррасӣ мекунанд ва барои рафъи онҳо тадбирҳои фаъолона меандешанд. Чунин барномаҳо аз чорчӯбаи ҷалби таваҷҷуҳ ба масъалаҳо ва огоҳсозии одамон берун мебароянд ва воқеан барои рафъи нобаробарии байни мардону занон тадбирҳои муайян меандешанд.[9]

## Масъалаҳои гендерӣ ва муҳити зист

Дар "Дурнамои глобалии гендерӣ ва экологӣ"-и худ, ки соли 2016 нашр шудааст, Барномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист шарҳ медиҳад, ки чӣ гуна нақшҳои гендерӣ метавонанд ба тасаввуроти гуногуни занону мардон оид ба муҳити зист таъсир расонанд.

Нақшҳои гендерии аз нигоҳи иҷтимоӣ қайду шартшуда атрофи ҷанбае тафовутҳоро эҷод менамоянд, ки занону мардон нисбат ба муҳити зист чӣ гуна рафтор мекунанд ва онҳо чӣ гуна метавонанд ҳамчун нерӯи пешбари тағйироти экологӣ амал намоянд (ё аз имконияти чунин амалкард маҳруманд). Ҳатто тақсимоти нисбатан соддаи меҳнат аз рӯи нишонаи ҷинсӣ метавонад ба тасаввуроти онҳо оид ба муҳити зист  таъсир расонад. Агар дар баҳри кушод танҳо мардон ва дар буттазорҳои наздисоҳилии мангров танҳо занон моҳӣ сайд кунанд, пас онҳо ногузир маҷмӯи гуногуни донишу таҷрибаи экологиро хоҳанд дошт. Ё агар аксарияти мардон савори мошин ба кор раванд ва аксарияти занон нақлиёти ҷамъиятиро истифода баранд, пас онҳо муҳити зист ва тағйиротро дар он аз нуқтаи назарҳои гуногун дарк хоҳанд кард.

Мавқеи гуногуни онҳо нисбат ба муҳити зист метавонад чунин маънӣ дошта бошад, ки занону мардон бо масъалаҳову хатарҳои комилан гуногуни экологӣ рӯбарӯ мешаванд ва дар бораи ҷиддияти масъалаҳои экологӣ ва дар бораи тадбирҳои зарурӣ, роҳҳои мутобиқшавӣ ва чорасозиҳо тасаввуроти комилан гуногун хоҳанд дошт. Ғайр аз ин, аз сабаби ташаккули иҷтимоии нақшҳои гендерӣ онҳо метавонанд имкониятҳо ва рӯйкардҳои гуногун – одатан, нобаробари идрок ва тағйири муҳити зистро дошта бошанд.[10]

---

[5] EIGE, What is gender mainstreaming

[6] EIGE, Gender Blindness

[7] EIGE, Gender Neutral

[8] WHO, Integrating gender into HIV/AIDS programmes in the health sector: Tool to improve responsiveness to women's needs. (WHO press 2009)

[9] Ҳамон ҷо.

[10] UNEP, Global gender and Environment Outlook. (UN Environment, 2016), саҳ. 22

## Идоракунии захираҳои об ва омилҳои гендерӣ

Рақобат барои ҳар гуна захираи маҳдуд метавонад шиддатеро эҷод намояд, ки ба низоъ натиҷа медиҳад ва об захираи стратегӣ буда, барои таъмин намудани сулҳу амният дар сатҳҳои маҳаллӣ, миллӣ ва минтақавӣ аҳамияти ҳалкунанда дорад. САҲА ба эътибор гирифтани омилҳои гендериро дар идоракунии захираҳои об ҳамчун саҳмгузорие барои таъмин намудани суботу амният баррасӣ менамояд, чунки чунин рӯйкард ба баланд бардоштани самаранокии тадбирҳои андешидашаванда ва коҳиш додани нобаробариву шиддати иҷтимоӣ натиҷа медиҳад. Истифодаи об бар асоси принсипи иштироки умум низ шаффофиятро баланд мебардорад ва метавонад сатҳи коррупсияро коҳиш диҳад.[11]

Мутобиқи арзёбии созмони "СММ – захираҳои об": "Ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ муҳимтарин унсури таъмин, истифода ва ҳифзи захираҳои оби саросари олам, инчунин ҳифзи саломатии аҳолӣ ва шаъну шарафи одамон ба воситаи эҷод кардани шароитҳои муносиби санитарӣ-гигиенӣ мебошад. Нақши марказии занон дар идоракунии захираҳои об ва таъмин намудани шароитҳои зарурии санитарӣ-гигиенӣ, махсусан дар кишварҳои тараққиёбанда, дар ҳамаи сатҳҳои фаъолиятҳои рушд ҳарчи бештар эътироф карда мешавад."[12]

## Идоркунии захираҳои об дар Осиёи Марказӣ ва омилҳои гендерӣ

Вазъият дар соҳаи идоракунии захираҳои об дар Осиёи Марказӣ мураккаб боқӣ мемонад. Талабот ба об баробари афзоиши аҳолӣ ва иқтисодиёт афзоиш меёбад, вале захираҳои об вобаста аз мавсим ва мизони истеъмол тағйир меёбанд. Зуҳуроти шадиди обу ҳаво ҳарчи зудтар рух медиҳанд ва шадидтар мешаванд. Кишварҳое, ки манбаъҳои фаросарҳадии обро истифода мебаранд, одатан, барои захираҳои об дар мисоли бархурди манфиатҳои кишоварзӣ ва энергетика рақобат мекунанд. Моделҳои таърихан муқарраршуда дигар амал намекунанд ва риоя накардани сикли гидрологӣ банақшагирӣ ва истифодаи захираҳои обро аз зер хароб менамояд. Дар пасманзари ҳамаи ин тағйирот, пайомадҳои номутаносиби тадбирҳо дар соҳаи идоракунии захираҳои об, ки дар ҳар як ҳолати рақобат барои захираҳои об андешида мешаванд, ба эътибор гирифтани омилҳои гендериро тақозо менамоянд.

Идоракунии захираҳои об, ки бар иштирок ва ҳамкории васеъ асос ёфтааст, метавонад ба инъикоси омилҳои гендерӣ дар сатҳи соҳавӣ ва баэътиборгирии ҳамзамонии эҳтиёҷоти ҳамбастаи истифодабарандагони сершумор мусоидат намояд. Ҷалби ҳам занон ва ҳам мардон барои иштирок дар роҳбарӣ ва кори мақомоти қабулкунандаи қарор дар ҳамаи сатҳҳо ба беҳсозии идоракунии захираҳои об, баланд бардоштани самарабахшии лоиҳаҳо ва имконияти расидан ба устувории экологӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ имконият фароҳам меорад.



### Намунаи мушаххас – ассоциатсияи истифодабарандагони об

Жилдиз Усманова – коршиноси масъалаҳои гендерӣ дар Иттиҳоди Осиёи Марказӣ оид ба масъалаҳои об. Ӯ таҷрибаи Қирғизистонро мубодила кард, ки дар он беш аз нисфи 633 ассоциатсияи об раёсат дошта, мардону занон дар онҳо баробар муаррифӣ шудаанд.

"Вақте, ки ҳайати раёсатро танҳо мардон ташкил медиҳанд, онҳо ниёзмандиҳои оиларо на ҳамеша ба эътибор мегиранд. Занон аз ниёзмандиҳои хонаводаҳо ба об бештар огоҳанд ва дақиқ медонанд, ки аз куҷо гузаронидани қубури об беҳтар аст, то ки барои обкашонӣ вақту нерӯи зиёд сарф нашавад."[13]

---

[11] OSCE, Women, water and security. (Environmental activities, Gender equality, 2015)

[12] UN Water, Gender-disaggregated Data on Water and Sanitation: Expert Group Meeting Report. (UN-Water Decade Programme on Capacity Development, 2009), саҳ. 4

[13] OSCE, Women, water and security. (Environmental activities, Gender equality, 2015)

# Идоркунии захираҳои об дар Осиёи Марказӣ



Қазоқистон, Жетисой
Майдонҳои обёришавандаи Жетисой – муҳимтарин минтақаи истеҳсоли пахта дар Қазоқистон
© Carolyn Drake/Magnum Photos

Захираҳои умумии об ва таърихи умумии идоракунии онҳо кишварҳои Осиёи Марказиро бо ҳам мепайванданд. Ҳоло, дар назди кишварҳо ва минтақа вазифаи таъмин намудани тавозун байни истифодабарандагони гуногуни об дар пасманзари талаботи афзоянда, гузошта шудааст.



## Принсипҳои идоракунии оқилонаи захираҳои об

Созмони ҳамкориии иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) 12 принсипи баланд бардоштани самаранокӣ, натиҷадорӣ, эътимод ва фаъолияти муштаракро дар соҳаи идоракунии захираҳои об таҳия кардааст.

1. Дақиқ тақсим ва маълум кардани нақшҳову уҳдадориҳо оид ба таҳия намудани сиёсати об, амлисозии он, идоракунӣ ва танзими амалиётии он, инчунин, мусоидат намудан ба ҳамоҳангсозии байни мақомоти масъул.

2. Дар сатҳ(ҳо)и муносиб амалӣ кардани идоракунии захираҳои об дар чорчӯбаи системаҳои маҷмӯии идоракунии ҳавзаҳои об, ки шароитҳои маҳаллиро инъикос менамоянд ва мусоидат намудан ба ҳамоҳангсозии байни сатҳҳои гуногун.

3. Ташвиқ кардани ҳамоҳангии сиёсат тавассути ҳамоҳангсозии самарабахши байнисоҳавӣ, махсусан байни сиёсатҳои соҳаҳои захираҳои об ва муҳити зист, тандурустӣ, энергетика, кишоварзӣ, саноат, банақшагирии ҳудудӣ ва истифодаи замин.

4. Мутобиқ кардани сатҳи омодагии кормандони мақомоти масъул бо мураккабияти масъалаҳои об, ки ҳал кардани онҳо зарур аст ва бо маҷмӯи донишу маҳоратҳои касбие, ки барои иҷрои уҳдадориҳои онҳо заруранд.

5. Таҳия, таҷдид ва мубодила кардани додаҳову иттилооти саривақтӣ, ҳамоҳангшуда, қиёспазир ва муҳим дар бораи захираҳои об ва истифода бурдани онҳо барои роҳнамоӣ, арзёбӣ ва такмилдиҳии сиёсати соҳаи об.

6. Таъмин намудани он, ки механизмҳои идоракунӣ ба сафарбарсозии воситаҳои молиявӣ ҷиҳати қонеъ кардани ниёзмандиҳои соҳаи об ва ихтисосдиҳии самарабахш, шаффоф ва саривақтии захираҳои молиявӣ мусоидат кунанд.

7. Таъмин намудани татбиқи самарабахш ва риояи пойгоҳи асосдори меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи идоракунии захираҳои об ба манфиати ҷомеа.

8. Дар ҳамаи мақомоти масъул, дар ҳамаи сатҳҳои идоракунӣ ва байни иштироккунандагони он ташвиқ кардани қабул ва ҷорисозии методҳои нави идоракунии захираҳои об.

9. Таъмин намудани риояи принсипҳои поквиҷдонӣ ва шаффофият дар соҳаи об, хоҷагиҳои об ва сохторҳои идоракунии захираҳои об барои масъулиятшиносӣ ва эътимоди бештар дар раванди қабули қарорҳо.

10. Ташвиқ кардани ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор ба иштирок дар тарҳрезӣ ва амалисозии огоҳона ва ба натиҷа нигаронидашудаи сиёсат дар соҳаи захираҳои об.

11. Ташвиқ кардани таҳияи механизмҳои идоракунии захираҳои об, ки дар роҳи расидан ба созиши байни истифодабарандагони об, минтақаҳои деҳнишину шаҳрнишин ва наслҳои гуногун ёрӣ мерасонанд.

12. Дар ҳолати зарурӣ, ташвиқ кардани баргузории мониторинг ва арзёбии доимии сиёсат ва идоракунии соҳаи хоҷагии об; ба таваҷҷуҳи ҷомеа расонидани натиҷаҳои он ва ҳангоми зарурат, ба онҳо ворид кардани тағйироту иловаҳо.[14]

[14] OECD, OECD Principles on Water Governance. (Centre for Entrepreneurship, SMEs, Regions and Cities, 2015), саҳ. 12

Принсипҳои идоракунии оқилонаи захираҳои об дар маҷмӯъ аз принсипҳои идоракунии оқилона бармеояд ва бар асоси мафҳумҳои адолат, самарабахшӣ, ғайримутамарказсозӣ (десентрализатсия), ҳамгиросозӣ, шаффофият ва масъулиятшиносӣ таҳия мешаванд. Ин принсипҳо асоси бунёдии идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои об – консепсияи байнисоҳавии истифодаи оқилонаи захираҳои обро ташкил медиҳанд.

Мутобиқи Шарикии глобалии об (ШГО), татбиқи идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои об ба “рушди ҳамоҳангшуда ва идоракунии захираҳои об, замин ва захираҳои бо онҳо вобаста тавассути таъмини некӯаҳволии иқтисодиву иҷтимоии беҳтарин бе расонидани зиён ба устувории системаҳои ҳаётан муҳими экологӣ” мусоидат менамояд”.[15]

Дар изҳороти Дублин оид ба захираҳои об ва рушди устувор, ки дар арафаи саммити Рио-де-Жанейро дар соли 1992 таҳия шудааст, принсипҳое инъикос ёфтаанд, ки идоракунии захираҳои обро роҳнамоӣ мекунанд. Шарикии глобалӣ ин принсипҳоро чунин ҷамъбаст менамояд: “Идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои об бар принсипҳои идоракунии одилона ва самарабахши захираҳои об  ва истифодаи устувори онҳо асос меёбад ва эътироф менамояд, ки об ҷузъи ҷудоинопазири экосистема, захираи табиӣ ва неъмати иҷтимоӣ-иқтисодӣ буда, миқдор ва сифати онро хусусияти истифодаи он муайян менамояд”.



## Намунаи мушаххас – водии Фарғона

Рақобат барои захираҳои нокифояи об сарчашмаи имконпазири низоъҳои байналмилалӣ эътироф шудааст. Вале кишварҳои алоҳида ва системаи байналмилалӣ бо ин хатар мубориза бурданро омӯхтаанд.[16]

Дар водии Фарғона, идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои об яке аз методҳое мебошад, ки ба коҳиши чунин хатар ва баланд бардоштани самарабахшии идоракунии захираҳои об мусоидат менамояд. Система дар сатҳҳои поёнӣ (канали асосӣ, ассосиатсияҳои истифодабарандагони об ва хоҷагидорон) бомуваффақият ҷорӣ шудааст ва барои муқаррар намудани робитаҳои байни сатҳҳое, ки дар зер баррасӣ шудаанд, имконият фароҳам овардааст. Вусъат додани доираи иштироки истифодабарандагони об дар қабули қарорҳо, ба коҳиш ёфтани талафоти об, назорат аз рӯи обрасонӣ ва такмил додани амалияи тақсимоти об байни ҳамаи истеъмолкунандагони ниҳоӣ, мусоидат кардааст.

Асоси идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои об дар водии Фарғона рӯйкардеро ташкил медиҳад, ки чанд сатҳи сохтори соҳаи об, шурӯъ аз истифодабарандагони ниҳоии об ва собиқ шабакаи дохилии колхозҳову совхозҳо то каналҳои асосӣ ва ҳавзаҳои фаросарҳадии дарёҳои хурдро дар бар мегирад. Муассисаҳои сатҳи гуногуни идоракунии об мутобиқ бо принсипи гидрографӣ таъсис ёфтаанд ва имконият медиҳанд, ки системаҳои обтаъминкунӣ дар ҳудуди гидрологӣ, вале на маъмурӣ идора карда шаванд.[17]

[15] GWP, Integrated water resources management in Central Asia: The challenges of managing large transboundary rivers. (Global Water Partnership, 2014), саҳ. 2

[16] UNEP, UNDP, OSCE, NATO, Environment and Security: Transforming risks into cooperation. (UNEP, UNDP, OSCE, NATO, 2005), саҳ. 11

[17] GWP, Integrated water resources management in Central Asia: The challenges of managing large transboundary rivers. (Global Water Partnership, 2014), саҳ. 17

## Навъҳои дигари истифода ва тағйири иқлим

Идоракунии захираҳои об дар Осиёи Марказӣ таъмин намудани тавозун байни эҳтиёҷоти чунин соҳаҳо, ба монанди энергетика, кишоварзӣ, саноат, сайёҳӣ ва соҳаҳои дигар, байни ҳамдигар ва байни ин талаботу ниёзмандиҳо ба оби ошомиданӣ ва таъмини шароитҳои санитарӣ-гигиениро дар сатҳи мунисипалитетҳо ва хоҷагиҳои алоҳида пешбинӣ менамояд. Дар маҷмӯъ, як қисми ин талаботҳо дар давоми тамоми сол доимӣ буда, қисми дигар хусусияти мавсимӣ доранд. Талабот ба об байни истеъмолкунандагони гуногун дар ҳоли афзоиш буда, ҳамзамон, роҳбарони корхонаҳои идоракунии об ҳоло боз маҷбур ҳастанд, ки масъалаи қатъи обро бартараф намоянд, ки тағйирёбии иқлим ба он боис шудааст. Афзоиши ҳарорат, тағйирёбии режими боришот ва обшавии пиряхҳо – ҳамаи ин фишорро ба захираҳои об шиддат медиҳанд ва бақайдгирии иловагиро ҳангоми банақшагирии ҳаррӯзаву ҳарсола дар хоҷагии об тақозо менамоянд.

## Захираҳои фаросарҳадӣ

Идоракунии захираҳои фаросарҳадӣ метавонад муносибатҳои байни кишварҳо ва гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолиро беҳтар намояд ва ба амният, шукуфоӣ ва ҳифзи муҳити зисти минтақа мусоидат кунад.

Дарҳол пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) кишварҳои Осиёи Марказӣ, барои ҳамоҳангсозӣ ва таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи идоракунии муштараки захираҳои фаросарҳадии об дар ҳавзаи баҳри Арал, Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсози масоили обро бо мақомоти иҷроия таъсис доданд. Созишномаҳои минбаъда муқарраротеро тақвият доданд, ки бояд самарабахшии ин механизми байнидавлатиро таъмин намоянд ва барои иҷрои уҳдадориҳои муштарак бо мақсади таъмини устувори об ба манфиати кишварҳо ва соҳаҳои алоҳида шароитҳоро эҷод кунанд.[18]

Донорҳои байнамилалие, ки дар минтақа кор мекунанд, ҳамчун ташаббускорони равандҳои музокироти байнидавлатӣ баромад карданд ва ҳоло ҳам ба раванди ислоҳоти системаи об дар ҳар як кишвар мусоидат менамоянд. САҲА ба паҳнсозии таҷрибаҳои пешқадам ва идоракунии муштараки захираҳои фаросарҳадии об дар Осиёи Марказӣ тавассути як қатор чорабиниҳо дар сатҳи маҳаллӣ, инчунин ба воситаи Марказҳои Орхус мусоидат менамояд. Идоракунии оқилонаи захираҳои об барои рушди устувор ва пешгирии низоъҳо аҳамияти ҳалкунанда дорад. Марказҳои Орхус ба муколама, қабули қарорҳо ва иштироки аҳолӣ дар таъмини идоракунии устувору одилонаи экологии захираҳои об дар сатҳҳои маҳаллӣ, миллӣ ва фаросарҳадӣ мусоидат мекунанд.[19]

Дар пешбурди идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои об, САҲА ва фаъолиятҳои саҳроии он ба баланд бардоштани иқтидори мақомоти миллӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд ва иштироки ассоциатсияҳои истифодабарандагони обро дар раванди қабули қарорҳо ташвиқ менамоянд.



### Намунаи мушаххас – Комиссияи ҳавзаи дарёҳои Чу ва Талас

Кори Комиссияи Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба истифодаи иншоотҳои дорои аҳамияти байнидавлатии идоракунии об дар дарёҳои Чу ва Талас намунаи ҳамкории бомуваффақият дар соҳаи захираҳои оби Осиёи Марказӣ мебошад. Комиссияи ҳавзаи дарёҳои Чу ва Талас, ки соли 2006 бо дастгирии ҷомеаи байналмилалӣ, аз ҷумла, СММ ва САҲА таъсис ёфтааст, бомуваффақият фаъолият карда истодааст ва ба иншоотҳо мутобиқи ҷадвали пешбинишудаи истифодаи муштараки захираҳои об хизмат мерасонад.[20]

Ба андешаи Индира Акбозова, сарвари комиссия аз ҷониби Қазоқистон:

“Занон ақидаҳои худро ба таври бештар дипломатӣ, махсусан дар дипломатияи оби фаросарҳадӣ, изҳор менамоянд. Ақидаҳои намояндагони кишварҳои гуногун бештари вақтҳо хеле аз ҳам тафовут доранд, вале занон метавонанд пешниҳодҳоро дар шакли нармтар ифода кунанд.”[21]

---

[18] Ҳамон ҷо.

[19] OSCE, Aarhus Centres: Water resource management

[20] UNECE & OSCE, Project Report: Development off cooperation on the Chu and Talas Rivers (Chu – Talas II, 2011), саҳ. 2

[21] OSCE, Women, water and security. (Environmental activities, Gender equality, 2015)

## Идоракунии захираҳои об, ки бар иштироки васеъ ва муҳокима асос ёфтааст

Мутобиқи гузориши САҲА “Фаъолияти муштарак бо ҷонибҳои манфиатдор барои идоракунии захираҳои об бар асоси иштироки васеъ”, равандҳои таҳияи сиёсат бар асоси иштироку машварати васеъ барои ҳалли ҳамаи масъалаҳое, ки соҳаи об бо онҳо рӯбарӯ мешавад, ҳалкунандаи ҳамаи мушкилот намебошанд, балки онҳо метавонанд ба баланд бардоштани самаранокии равандҳои қабули қарорҳо ва амалисозии онҳо ва дар маҷмӯъ, беҳсозии идоракунии захираҳои об мусоидат кунанд. Сохторҳое, ки соҳаи обро ташкил медиҳанд, дар чӣ гуна будани натиҷаҳои ин ё он сиёсат ё лоиҳа нақши ҳалкунанда мебозанд. Онҳо метавонанд чунин сиёсат ё лоиҳаро пешниҳод ё дастгирӣ кунанд, ҳамзамон, метавонанд бар зидди онҳо эътироз баён намоянд, кӯшиш кунанд, ки ба татбиқи онҳо монеъ шаванд ё ба мақсади худ истифода баранд. Ҷалби ҷонибҳои манфиатдор ба баррасии ҳадафҳо, мубодилаи таҷрибаҳо ва тақсимоти уҳдадорҳоиҳо имконият медиҳад ва ба дастгирии бештар фаъоли қарорҳое мусоидат менамояд, ки бо дарназардошти мушкилоту манфиатҳои изҳоршуда қабул мешаванд. Ба ҳамин маънӣ, фаъолияти муштарак бо ҷонибҳои манфиатдор воситаест, ки ба гурӯҳҳо ва шахсони алоҳида имконият медиҳад, то масъалаҳоро ба таври муштарак ҳал кунанд ва уҳдадориҳоро дар соҳае тақсим намоянд, ки онҳо бештари вақтҳо ба пайдоиши масъалаҳо ва ҳалли онҳо мусоидат мекунанд.

Ҷалби ҷонибҳои манфиатдор ба ҳалли масъалаҳое, ки бо захираҳои об алоқаманд, шаклҳои гуногунро дорад ва ҳадафҳои мухталифро пайгирӣ менамояд. Он имконият фароҳам меорад, ки шумораи ҳарчи бештари ҷонибҳо ва мутахассисон дар раванди мазкур иштирок кунанд, вале ҳамзамон, бо баъзе монеаҳо рӯбарӯ мешавад ва боиси афзоиши баъзе хароҷот шуда, ба он халал мерасонад, ки барои баланд бардоштани самаранокии лоиҳаҳо ва расидан ба ҳадафҳои пешбинишуда дар соҳаи захираҳои об пурра мусоидат намояд. Барои ин, ки раванди ҷалб барои иштирок дар идоракунӣ муфид бошад, байни он чизе, ки онҳо ба даст овардан мехоҳанд, захираҳое, ки ба онҳо лозим аст ва оё онҳо ба мақсадҳои пешбинишуда ноил шуда метавонанд ё не, бояд мувозинати ҷиддӣ бошад. Шартҳои чорчӯбавӣ муайян шудаанд, ки метавонанд барои эҷоди шароитҳои мусоид ҷиҳати иштироки самарабахш ва пурмуҳтаво дар идоракунии захираҳои об асосро таъмин намоянд.[22]



[22] OECD, Stakeholder Engagement for Inclusive Water Governance. (OECD Studies on Water, 2015), саҳ. 168



Тоҷикистон, Шаҳритуз
Занони ӯзбек дар майдонҳои пахтаи ҷануби Тоҷикистон кор мекунанд
© Carolyn Drake/Magnum Photos

# Масъалаҳои ташкилӣ



Ӯзбекистон, Дослук
Духтарак аз канали обёрӣ об мегирад
© Carolyn Drake/Magnum Photos



## Самарабахш ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ ва амалисозии сиёсати ҳамоҳангшуда дар соҳаи идоракунии захираҳои об баланд бардоштани малакаи касбии кормандон бо мақсади вусъат додани дониш, тавоноӣ ва маҳоратҳои онҳо; таҳия буҷет бо дарназардошти ҷанбаҳои гендерӣ то ин масъалаҳо ба системаи фаъолиятҳои созмонҳо ва лоиҳаҳои он ворид карда шаванд; инчунин ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ ҳангоми интихоби кормандон.

Самарабахшии ба эътибор гирифтани масъалаҳои гендерӣ дар системаи идоракунии захираҳои об низ то андозаи муайян аз омодагии мардон ва заноне, ки дар соҳаи об машғуланд, барои қабули стратегияи ноил шудан ба баробарии гендерӣ дар сиёсат ва фарҳанги созмон, вобаста аст.[23]

### Рушди зарфият

Дар мақолаи худ "Назорат аз рӯи фаъолияти рушди зарфияти созмонҳо" Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ чунин мегӯяд: "зарфияти созмон – ин қобилияти созмон аст, ки мутобиқи рисолату ҳадафҳояш фаъолияти худро амалӣ менамояд ва мавҷудияти худро дар тӯли давраи муайяни вақт нигоҳ медорад. Рушди зарфияти созмон – ин кори бомақсади дастаҷамъӣ буда, барои тақвият додани равандҳо, донишҳо, муносибатҳо, дороиҳо ё моделҳои рафтори созмон бо мақсади баланд бардоштани самарабахшии фаъолияти он равона шудааст".[24]

Рушди зарфият дар самти баробарии гендерӣ ташаккул ва (ё) вусъат додани дониш, маҳоратҳо ва қобилиятҳои шахсони алоҳида, муассисаҳо, гурӯҳҳо ва созмонҳоро дар соҳаи ба эътибор гирифтани масъалаҳои гендерӣ ва ба таври устувору шаклтағйирдиҳанда муваффақ шудан ба ҳадафҳои баробарии гендериро ифода менамояд.

[23] OSCE, Gender mainstreaming in Aarhus Activities: A guideline for practitioners (OSCE Secretariat, OSG/Gender Section, 2012), саҳ. 15

[24] USAID, Monitoring Organizational Capacity Development Efforts. (Learning Lab, 2018)

### Намунаи мушаххас – Марказҳои Орхус

Бо ҳадафи мусоидат намудан ба иҷрои Конвенсияи Орхус ва мутобиқи Конвенсияи мазкур, ба шаҳрвандон додани имкониятҳои амалии татбиқ намудани ҳуқуқҳои худ дар соҳаи муҳити зист, САҲА ба воситаи шуъбаҳои худ дар маҳалҳо ва Дафтари ҳамоҳангсози фаъолияти иқтисодӣ ва экологии САҲА аз соли 2002 инҷониб таъсисдиҳӣ ва фаъолияти Марказҳои Орхусро дастгирӣ менамояд.

Ин марказҳо дар паҳнсозии ҳамаи се муқаррароти асосии Конвенсияи Орхус нақши муҳимтарин мебозанд – дар бораи дастрасӣ ба иттилоот, дар бораи иштироки ҷомеа дар раванди қабули қарорҳо ва дар бораи дастрасӣ ба адлия атрофи масъалаҳое, ки ба муҳити зист дахл доранд. Онҳо дониши аҳолӣ ва мақомоти давлатиро дар ин соҳа тавассути паҳнсозии иттилооти экологӣ ва амалисозии лоиҳаҳои сершумор дар соҳаи омӯзиш ва омодасозии кадрҳое тақвият медиҳанд, ки бо амалисозии Конвенсия рабт доранд. Бо фароҳам овардани маконе, ки шаҳрвандон метавонанд барои муҳокимаи масъалаҳои экологӣ дар он ҷо ҷамъ оянд, Марказҳои Орхус системаи идоракунии фаъолиятҳои ҳифзи табиатро тақвият медиҳанд. Онҳо ба одамон ёрӣ мерасонанд, ки дар ҳалли масъалаҳои экологӣ иштирок кунанд ва дастрасии онҳоро ба адлия атрофи масъалаҳои муҳити зист осон намуда, таваҷҷуҳи шаҳрвандон ва ҳукуматҳоро ба масъулияти умумии онҳо нисбат ба муҳити табиии зисти онҳо ҷалб мекунанд. Марказҳои мазкур инчунин роҳнамоиву машваратро таъмин мекунанд ва ба рушди зарфияту омодасозии кадрҳо мусоидат менамоянд.

Бо зоҳир намудани таваҷҷуҳи бештар дар кори худ ба принсипҳои ба эътибор гирифтани баробарҳуқуқии занону мардон, кормандони Марказҳои Орхус, сиёсатмадорон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор метавонанд фаъолона мусоидат намоянд, то ки чорабиниҳо ҳамаро фаро гиранд ва нобаробарҳуқуқиро инъикос накунанд. Ғайр аз ин, ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ дар фаъолиятҳои Марказҳои Орхус ба иштироккунандагони он имкон медиҳад, ки садоқати худро ба меъёрҳову принсипҳои байналмилалӣ нишон диҳанд.

Ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ дар фаъолиятҳои Марказҳои Орхус[25] нуқтаҳои зеринро пешбинӣ менамояд:

- ниёзмандиҳо, дониш ва саҳми ҳам мардон ва ҳам занон баробар инъикос мешаванд ва ба нобаробарӣ роҳ дода намешавад;
- Марказҳои Орхус ҳамаи ҷонибҳои манфиатдорро баробар муаррифӣ намуда, сатҳи шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва эътимоди ҷомеаро баланд мебардорад;
- иштироки занон дар ҳаёти ҷомеа ва равандҳои қабули қарор вусъат меёбад;
- инъикоси баробари манфиатҳову ҳуқуқҳои мардону занон ба пайомаде натиҷа медиҳад, ки хидматрасониҳо бар асоси бештар мутавозин ва репрезентативӣ таъмин мешаванд.

[25] OSCE, Gender mainstreaming in Aarhus Activities: A guideline for practitioners (OSCE Secretariat, OSG/Gender Section, 2012), саҳ. 13

## Таҳияи буҷет

Дар мақолае, ки ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ то чӣ андоза метавонад ба иқтисоди кишвар манфиат биёрад, маҷаллаи “Экономист” чунин шарҳ медиҳад: “Ба эътибор гирифтани ҷанбаҳои гендерӣ ҳангоми таҳия кардани буҷет – яке аз роҳҳоест, ки бо ёрии он ҳукуматҳо метавонанд тавассути сиёсати буҷетӣ-молиявӣ баробариро таъмин намоянд. Он таҳлил кардани тафовутҳо дар пайомадҳои амалии буҷет барои мардону занон, тақсимоти муносиби маблағҳои молиявӣ, муқаррарсозии нишондиҳандаҳои бомақсад – монанди таҳсили духтарон дар мактаб дар шароитҳои баробар бо писарон – ва ҷудо кардани маблағҳо барои муваффақ шудан ба ин нишондиҳандаҳоро дар бар мегирад.”[26]



### Намунаи мушаххас – сатҳи рушд дар Тоҷикистон

Тоҷикистон аз пайомадҳои номусоиди тағйирёбии иқлим осебпазир аст ва иқтидори пасти мутобиқшавиро дорад. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ махсусан ба тағйирёбии шароитҳои обу ҳаво, офатҳои табиӣ ва норасоии об ҳассос аст.[27]

Мутобиқи охирин тавзеҳоти роҳнамои Бонки аврупоии таҷдид ва рушд: “Дар чорчӯбаи кӯмаки техникӣ бо дастгирии Барномаи пилотии (таҷрибавии) Фонди сармоягузории иқлим оид ба баланд бардоштани устуворӣ нисбат ба тағйирёбии иқлим (CIF PPCR), ки ҳадафи он ташаккул додани асосҳои рушд бо дастгирии бахши хусусӣ буда, бояд масъалаҳои гендериро ба эътибор гирад ва нисбат ба тағйирёбии иқлим устувор бошад, дар Тоҷикистон як қатор ташаббусҳо, лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва чорабиниҳо амалӣ шудаанд. Дар ин робита, осебпазирҳои махсус (-и занон) ҳамчун гурӯҳи алоҳидаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ нисбат ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва имкониятҳои эҳтимолии тағйири трансформатсионии гендерӣ ба эътибор гирифта шудаанд. Дар чорчӯбаи Барномаи пилотӣ (PPCR) дар Тоҷикистон як қатор сармоягузориҳои ба бахши хусусӣ равонашуда дар соҳаи баланд бардоштани устуворӣ нисбат ба тағйирёбии иқлим бо истифода аз ҷузъҳои дахлдори кумаки техникӣ амалӣ шудаанд. Дар натиҷаи ин фаъолият як қатор масъалаҳо нисбат ба фоидаи ҳам мустақим ва ҳам ғайримустақим барои занону мардон, муассисаҳое, ки онҳоро занону мардон роҳбарӣ мекунанд ва хонаводаҳое, ки занону мардон сарварӣ менамоянд, ба миён омаданд.”[28]

Дар портфели сармоягузориҳои худ барои солҳои 2015-2017, Бонки осиёии рушд (БОР) бо дарназардошти омилҳои гендерӣ барои тақвият додани самаранокии таъмини об ва обёрӣ ва баланд бардоштани устуворӣ нисбат ба офатҳои табиие, ки бо тағйирёбии иқлим алоқамананданд, буҷет таҳия намудааст. Нақшаи амали гендерии Бонки осиёии рушд, ки дар чорчӯбаи лоиҳаи баланд бардоштани устуворӣ нисбат ба тағйирёбии иқлим дар ҳавзаи дарёи Панҷ амалӣ шудааст, чунин ҳадаф дорад, ки фаъолиятҳои муҳофизат аз обхезӣ ва барқарорсозии инфрасохтори таъмини об ба занон манфиат орад. Нақша дар бораи нақши занон дар кишоварзӣ, пайомадҳои инфрасохтори заифи таъмини об ва тағйирёбии иқлим маълумоти умумиро таъмин хоҳад кард.[29]

---

[26] E.W., How taking gender into account can be good for a country’s economy. (The Economist, 2017)

[27] Elisabeth Duban, Tajikistan: Country Gender Assessment (ADB, 2016)

[28] EBRD, How private sector investment can support gender-responsive, climate-resilient development in Tajikistan: Guidance Note. (Gender Guidance Note, 2019), саҳ. 13

[29] ADB, Women, Water and Leadership. (ADB Briefs, 2014)



Тоҷикистон, Шаҳритус
Канали обёрӣ
© Carolyn Drake/Magnum Photos



## Интихоби кормандон

Дар заминаи сиёсати кадрӣ ва фарҳанги созмон, ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ масъалаҳоеро фаро мегирад, ки ҳам ба занон ва ҳам ба мардони корманди созмон рабт доранд, маҳз: бакоргирӣ, пешбарӣ ба вазифаи баландтар, имкониятҳои омӯзиши касбӣ барои кормандони ҷинси зану мард ва музди меҳнат. Масъалаҳои кадрӣ бо рушди зарфият ва таҳияи буҷет робитаи ногусастанӣ доранд, аз ин рӯ, он чӣ дар ин соҳа рӯй медиҳад, ба ҳамаи кормандони созмон таъсир мерасонад. Дар сиёсати кадрӣ ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ дар мавриди эҷоди сохторҳои ёрирасон, ба монанди муассисаҳои нигоҳубини кӯдакон, ҷадвали тағйирпазири корӣ, ки ба занону мардон имконияти баробар кор карданро фароҳам меорад, татбиқпазир аст.



### Намунаи мушаххас – баробарии гендерӣ дар обёрӣ

Дар чорчӯбаи лоиҳаи пилотӣ дар Ӯзбекистон, Гурӯҳи машваратӣ оид ба таҳқиқоти байналмилалии кишоварзӣ (CGIAR) Барномаи таҳқиқот дар соҳаи захираҳои об, истифодаи замин ва экосистемаҳо абзори худро дар самти омӯзиш ва беҳсозии обёрӣ дар гендер озмоиш кард, ки дар он кормандон ва аъзоёни яке аз ассосиатсияи истифодабарандагони об ширкат варзиданд. Ҳарчанд бисёр занони Ӯзбекистон дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тавассути кор дар қитъаҳои наздиҳавлигӣ иштирок мекунанд, шумораи хеле зиёди онҳо расман ҳамчун деҳқон сабти ном нашудаанд ва аз нигоҳи ташкилӣ ба система ворид карда нашудаанд. Ин лоиҳаи озмоишӣ хонаводаҳо ва занон-истифодабарандагони обро дар бар гирифтааст. Тақрибан ҳамаи аъзоёни ассосиатсияҳои истифодабарандагони об мардон буданд, вале тақрибан ҳамаи иштироккунандагоне, ки хонаводаҳоро муаррифӣ мекарданд, занон буданд. Дар ҷараёни мусоҳиба ва муҳокимаҳо дар фокус-гурӯҳҳо лоиҳаи пилотӣ ба хулосаҳои зерин омадааст:

- Аз нигоҳи ташкилӣ занон аз раванди банақшагирӣ ва қабули қарорҳо хориҷ шудаанд;
- Фоидаи асосиро хоҷагиҳои калонҳаҷм ба даст меоранд;
- Дар лоиҳаҳои стандартии обёрӣ шароитҳои маҳаллӣ ба эътибор гирифта намешаванд;
- Хонаводаҳо дар ассосиатсияҳои истифодабарандагони об намояндаи расмӣ надоранд;
- Механизми расмие вуҷуд надорад, ки аз ассосиатсияҳои истифодабарандагони об ба эътибор гирифтани талаботи хоҷагиҳои наздиҳавлигиро талаб намояд;
- Таъсири вазъияти назаррас ва манфӣ ба қобилияти занон барои истеҳсоли маҳсулот барои хонаводаҳои худ;
- Банақшагирии алоҳидаи тақсимоти об барои эҳтиёҷоти маишӣ ва барои обёрӣ шароитҳои сар задани низоъҳоро эҷод менамояд.

Барои он, ки занон дар банақшагирӣ иштирок карда тавонанд ва ба қабули қарорҳо таъсир расонанд, онҳо бояд ҳамчун аъзоёни созмонҳо нақши расмӣ дошта бошанд.[30]

[30] N. Lefore, E. Weight and N. Mukhamedova, Improving Gender Equity in Irrigation: Application of a Tool to Promote Learning and Performance in Malawi and Uzbekistan. (R4D Learning Series, 2017), саҳ. 18-19

# Ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ дар кори созмонҳо



Туркманистон, Дамла
Занон аз ҳавзи деҳае дар биёбони Қароқум оби борон мегиранд
© Carolyn Drake/Magnum Photos

## Ин роҳнамои қадам-ба-қадами ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ барои роҳбарон ва кормандони дигари созмонҳои соҳаи хоҷагии оби Осиёи Марказӣ пешбинӣ шудааст.



Намояндагони ҷонибҳои манфиатдор ва истифодабарандагони об; донорҳо ва муассисаҳои манфиатдор; кормандон ва аъзоёни раёсати ҳар гуна созмонҳои дахлдор мумкин аст ба гурӯҳи иштироккунандагон дохил карда шаванд.

Роҳнамои мазкур метавонад барои ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ дар шароитҳои гуногун муфид бошад. Созмонҳо метавонанд раванди қадам-ба-қадами дар ин ҷо овардашударо дар семинарҳо барои кормандони худ ва ҳангоми банақшагирии лоиҳаҳои нав бо намояндагони ҷонибҳои манфиатдор истифода баранд. Ин роҳнамо метавонад инчунин барои мутахассисоне, ки масъулияти таъмин намудани баробарии гендериро дар созмонҳои худ бар дӯш доранд ҳамчун дастурамали омоданамоии тренерҳо истифода бурда шавад, ё ба сифати маводи таълимӣ дар курсҳои идоракунии захираҳои об. Маъмулан, ин равандро мутахассисе идора мекунад, ки оид ба масъалаҳои ба эътибор гирифтани масъалаҳои гендерӣ таҷриба дорад.

## Шарҳи умумӣ

Дар диаграммаи зерин панҷ марҳилаи кор дар самти ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ инъикос ёфтаанд ва мисолҳое оварда шудаанд, ки чӣ гуна ҳар як марҳила барои марҳилаи минбаъда ҳамчун асос хизмат мекунад.

| Ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ дар кори созмонҳо | Лоиҳаҳои берунӣ |
|---|---|
| Ҳиссаи занон дар вазифаҳои роҳбарикунанда. | Ниёзмандиҳои мардону занон ба об барои обёрӣ дар минтақаҳои деҳот. |

### 1. Таҳлил

### 2. Уҳдадориҳо

| | |
|---|---|
| Занон дар 2 соли оянда баробари мардон муаррифӣ хоҳанд шуд. | Занон дар 5 соли оянда баробари мардон ба об барои обёрӣ дастрасӣ хоҳанд ёфт. |

### 3. Нақша

| | |
|---|---|
| Нақшаи амал барои намояндагии баробар; тадбирҳое, ки барои ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ равона шудаанд (тавозуни кор бо ҳаёти оилавӣ, ҷадвали тағйирпазири корӣ, муассисаҳои нигоҳубини кӯдакон, рухсатии волидайн барои нигоҳубини кӯдак). | Нақшаи чорабиниҳо ва нақшаи амали муносиб бо тавсифи чорабиниҳое, ки бо таъмини дастрасии захираҳои об ва вусъатдиҳии ҳуқуқу имкониятҳои занон дар минтақаҳои деҳот алоқамандаанд. |

### 4. Нишондиҳандаҳо

| | |
|---|---|
| Афзоиши шумораи заноне, ки вазифаҳои роҳбарикунандаро ишғол мекунанд, дар як сол. | Шумораи заноне, ки метавонанд обро барои обёрӣ истифода баранд; шумораи занони соҳибкор дар ҷомеа. |

### 5. Буҷет ва ҳисоботдиҳӣ

| | |
|---|---|
| Маблағгузории кофӣ барои рушди зарфияти заноне, ки дар вазифаҳои роҳбарикунанда кор мекунанд, аз ҷумла, дар сатҳи миёнаи роҳбарӣ. | Маблағгузории кофӣ барои рушди зарфияти занон дар ҳамаи сатҳҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ; воситаҳои молиявӣ барои занон ҷиҳати таъсис додани корхонаҳо; баланд бардоштани дастрасии захираҳои об ва рушди инфрасохтор. |

Роҳнамои мазкур, ки барои ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ дар амали идоракунии захираҳои об дар Осиёи Марказӣ пешбинӣ шудааст, бо абзори арзёбии вазъият оғоз мешавад, ки барои муайян ва дарк кардани фарқиятҳои гендерӣ, нақшҳову салоҳиятҳои гендерӣ дар робита бо созмон тарҳрезӣ шудааст. Қадамҳои минбаъда ба ин асос такя мекунанд, вале тавре аз диаграммаи дар боло инъикосшуда аён аст, марҳилаи якум таҳлили мустақилона буда, метавонад ба ҷалби таваҷҷуҳ ба масъалаҳои гендерӣ дар созмон мусоидат намояд, ки худ ҳадафи муҳим мебошад.

Барои созмонҳое, ки мехоҳанд натиҷаҳои арзёбии худро дар фаъолияти худ ба эътибор гиранд, роҳнамо механизмҳои ташаккули консепсияҳои дақиқи ӯҳдадориҳое, ки созмон мехоҳад бар дӯши худ гирад ва нақшаи иҷрои ин ӯҳдадориҳоро, пешниҳод менамояд. Сипас, роҳнамо нишон медиҳад, ки дар асоси нақшаи созмон чӣ гуна вазифаҳои мушаххас бояд гузошт ва дар асоси вазифаҳо кадом нишондиҳандаҳоро муқаррар бояд кард – унсурҳои муҳими арзёбии пешрафти созмон. Роҳнамо бо тавсифи механизмҳои таҳияи буҷет ва ҳисоботдиҳӣ хотима меёбад, ки ба созмонҳо имкон медиҳад нақшаҳои худро амалӣ намоянд.



# Марҳилаи 1.
## Таҳлил кардани ҷанбаҳои гендерии кори созмон

Таҳлили ҳамаҷонибаи омилҳои гендерӣ тафовутҳои байни мардону занонро аз нуқтаи назари ҳуқуқҳои онҳо, кори бемузди рӯзгор ва нигоҳубини аъзоёни дигари хонавода, тақсимоти меҳнат, дастрасӣ ба захираҳо ва салоҳиятҳоро дар бар мегирад. Чунин таҳлил низ метавонад таҳқиқи омилҳоеро пешбинӣ намояд, ки муносибатҳои байни мардону занонро ташаккул медиҳанд – махсусан, санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии давлатӣ, таҳсилот, тандурустӣ, фарҳанг ва омилҳое, ки бо муҳити зист алоқаманданд ва маълумот, ҳам ҷанбаҳои миқдорӣ ва ҳам сифатиро фаро мегиранд. Ҳадафи асосии марҳилаи мазкур муайян кардани соҳаест, ки омодагӣ ба амал ва тадбирҳои амалиро тақозо менамояд то созмонҳо ниёзмандиҳои гуногуни одамони мухталифро қонеъ карда тавонанд.[31]

Таҳлили омилҳои гендерӣ дар чорчӯбаи созмон имкон медиҳад, ки масъалаҳои бо онҳо алоқаманд дар фаъолияти созмон ба эътибор гирифта шаванд, ба баробарии гендерӣ мусоидат мекунад ва сатҳи огоҳиро оид ба масъалаҳои гендерӣ ва дарки онҳо баланд мебардорад. Ҳадди ақал, таҳлили омилҳои гендерӣ пайомадҳоеро ҷустуҷӯ менамояд, ки зиён намерасонанд. Иштироккунандагони таҳлили омилҳои гендерӣ дар кори созмон бояд саволҳои зеринро ба эътибор гиранд:

- Нақшҳо, захираҳо, имкониятҳо, ниёзмандиҳо ва маҳдудиятҳои гуногун барои мардону занон дар созмон кадомҳоянд?
- Фаъолияти созмон чӣ гуна ба занону мардон ба таври гуногун таъсири манфӣ мерасонад ва манфиат меорад?

Таҳлили омилҳои гендерӣ бояд тавре амалӣ шавад, ки зиён нарасонад ва бояд ба созмонҳо ёрӣ расонад, ки аз нобиноӣ дар ин масъалаҳо канораҷӯӣ кунанд, ки аз ҷониби Институти Аврупо оид ба масъалаҳои баробарии гендерӣ (EIGE) чунин таъриф шудааст: “эътироф накардани нақшҳову ӯҳдадориҳое, ки ба занон ва (ё) духтарон ва мардон ва (ё) писарон дар вазъияти мушаххаси иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ нисбат медиҳанд ё таҳмил менамоянд”. Азбаски лоиҳаҳо, барномаҳо, сиёсатҳо ва муносибатҳое, ки дар ин масъалаҳо нобиноӣ зоҳир мекунанд, нақшҳои гуногун ва ниёзмандиҳои мухталифи занон, духтарон, мардон ва писаронро ба эътибор намегиранд, ба андешаи Институти Аврупо оид ба масъалаҳои баробарии гендерӣ, онҳо вазъи мавҷударо дастгирӣ мекунанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ, ба тағйир додани сохтори нобаробарҳуқуқи муносибатҳои гендерӣ мусоидат намекунанд.[32]

Баръакс, лоиҳаҳо, барномаҳо ва сиёсатҳои аз нигоҳи гендерӣ бетараф “аз нуқтаи назари муносибатҳо ё баробарии байни занону мардон ягон таъсири муайяни мусбат ё манфӣ надоранд”.[33]

Ҷадвали дар зер омада барои таҳлили омилҳои гендерӣ саволҳои муқаррариеро дар бар мегирад, ки бояд дар ҷараёни таҳлил баррасӣ шаванд ва намунаҳоеро инъикос менамояд, ки ба ин саволҳо чӣ гуна ҷавоб бояд дод. Ин ҷавобҳо бо мақсаде оварда нашудаанд, ки ҳамчун намунаи ягона таҳмил шаванд, балки танҳо барои додани тасаввурот оиди чӣ гуна ба саволҳо метавон ҷавоб дод.

[31] WECF International, The gender impact assessment and monitoring tool. (Women2030, 2018), саҳ. 51

[32] EIGE, Gender Blindness

[33] EIGE, Gender Neutral

## Ҷадвал барои таҳлили омилҳои гендерӣ

### Хонавода

**Меҳнат**
**Кӣ чӣ кор мекунад?**

- Кори хона, обёрии боғ, омода кардани хӯрок, назорат аз рӯи нигоҳдории дурусти об.
- Ниҳолшинонӣ дар боғ ва кандани канал барои обёрии боғ.

**Вақт**
**Барои иҷрои кадом кор чӣ қадар вақт сарф мешавад?**

- 7-8 соат дар як рӯз барои иҷрои кори хона, 1-2 соат дар як рӯз барои обёрии боғ, нигоҳубини канали обёрӣ ва зарфҳои обгирӣ вобаста аз фасли сол, 2-3 соат барои ҷомашӯӣ ва омода кардани хӯрок вобаста аз дастрасӣ ба об.
- 3-4 соат дар як ҳафта барои иҷрои корҳои рӯзгор вобаста ба фасли сол.

**Захираҳо**
**Кӣ ба чӣ дастрасӣ дорад ва кӣ чиро идора мекунад?**

- Ихтиёрдории маҳдуди дороиҳои молиявӣ, идоракунии умумии буҷети рӯзмарраи оила.
- Барои оила пул бозёфт мекунад ва соҳиби ҳамаи дороиҳо ва суратҳисобҳои бонкии оила мебошад.

**Фарҳанг**
**Фарҳанг чӣ гуна ба дастрасӣ ва идоракунӣ таъсир мерасонад?**

- Ба таври анъанавӣ бо корҳои рӯзгордорӣ машғуланд, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки шавҳар муҳоҷири меҳнатист ё шуғли нопурраи мавсимиро иҷро мекунад.
- Ба таври анъанавӣ ноновари ягона дар оила аст, ба истисноӣ ҳолатҳои муҳоҷирати меҳнатӣ.

### Ҷомеа

**Меҳнат**
**Кӣ чӣ кор мекунад?**

- Коргарони мавсимӣ дар соҳаи кишоварзӣ.
- Коргарони соҳаи саноат ё кишоварзӣ, қисман бо тиҷорат машғуланд.

**Вақт**
**Барои иҷрои кадом кор чӣ қадар вақт сарф мешавад?**

- 60-80 рӯз дар як сол машғули корҳои кишоварзӣ, асосан ҷамъоварии ҳосил.
- Коргарони дорои шуғли пурра баъзе вақтҳо 5-6 моҳ дар оила ҳузур надоранд ва ба хона маблағ интиқол медиҳанд.

**Захираҳо**
**Кӣ ба чӣ дастрасӣ дорад ва кӣ чиро идора мекунад?**

- Ба бозор аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти хоҷагии наздиҳавлигӣ ва даромад аз кори мавсимӣ дастрасии маҳдуд доранд.
- Ба таври анъанавӣ, соҳиби замин мебошанд ва асосан бозору тиҷоратро идора мекунанд.

**Фарҳанг**
**Фарҳанг чӣ гуна ба дастрасӣ ва идоракунӣ таъсир мерасонад?**

- Ба таври анъанавӣ, танҳо дар маориф ва тандурустӣ вазифаҳои муайян доранд, вале дар бозор ва ассоциатсияҳои кишоварзӣ намояндагии бештар доранд.
- Намояндагони асосии оила дар сатҳи ҷомеа мебошанд, қарорҳои асосиро дар мақомоти расмӣ ё ғайрирасмии ҳокимият қабул мекунанд.

### Ассоциатсияҳои истифодабарандагони об

**Меҳнат**
**Кӣ чӣ кор мекунад?**

- Иштироки маҳдуд ба сифати коргарони мавсимӣ.
- Роҳбарон ва кормандони масъул, баъзе вақтҳо метавонанд ҳузур надошта бошанд ё дар кишварҳои дигар кор кунанд.

**Вақт**
**Барои иҷрои кадом кор чӣ қадар вақт сарф мешавад?**

- 1-2 соат дар як сол ҳангоми ҷамъоварии умумии сокинон, ки дар он коргарони мавсимӣ иштирок мекунанд.
- Машғули кори доимӣ дар ҳамаи сатҳҳо.

**Захираҳо**
**Кӣ ба чӣ дастрасӣ дорад ва кӣ чиро идора мекунад?**

- Амалан дастрасӣ надоранд ва ихтиёрдорӣ намекунанд.
- Қарорҳои асосиро қабул мекунанд.

**Фарҳанг**
**Фарҳанг чӣ гуна ба дастрасӣ ва идоракунӣ таъсир мерасонад?**

- Ба таври анъанавӣ, иштирок намекунанд.
- Ба таври анъанавӣ, қарорҳои асосиро қабул мекунанд ва соҳибнуфузанд.

### Ассоциатсияи ҳавзавӣ

**Меҳнат**
**Кӣ чӣ кор мекунад?**

- Тақрибан ҳеҷ гуна нақш надоранд.
- Роҳбарон, кормандони масъул ва мутахассисон.

**Вақт**
**Барои иҷрои кадом кор чӣ қадар вақт сарф мешавад?**

- Иштироки ҳадди ақали аҳолии маҳаллӣ.
- Машғули кори доимӣ дар ҳамаи сатҳҳо.

**Захираҳо**
**Кӣ ба чӣ дастрасӣ дорад ва кӣ чиро идора мекунад?**

- Амалан дастрасӣ надоранд ва ихтиёрдорӣ намекунанд.
- Қарорҳои асосиро қабул мекунанд ва ба маблағҳо дастрасӣ доранд.

**Фарҳанг**
**Фарҳанг чӣ гуна ба дастрасӣ ва идоракунӣ таъсир мерасонад?**

- Ба таври анъанавӣ, иштирок намекунанд.
- Ба таври анъанавӣ, қарорҳои асосиро қабул мекунанд ва соҳибнуфузанд.

Ақидаҳои кормандони созмонро дар ҷараёни семинар, мусоҳибаҳои инфиродӣ ё ҷамъомади кормандон, намояндагони созмонҳои манфиатдор ва ҳар гуна иштироккунандагони дигар ё бо роҳи пур кардани саволномаҳо метавон ҷамъоварӣ кард. Тренерҳо тавзеҳоти дарёфтшударо ҷамъоварӣ мекунанд ва дар асоси онҳо ҳисобот омода менамоянд. Чунин ҳисобот минбаъд метавонад барои муҳокимаи минбаъда ҳамчун асос истифода бурдай шавад, ки ҳадафи он дақиқ кардани натиҷаҳо ва расидан ба ризоияти умумӣ оид ба масъалаҳои ошкоршуда.

Дар хотимаи раванди таҳлил созмон бояд тасаввуроти равшан гирад, ки ба кадом масъалаҳои нигаронкунандаи гендерӣ бояд таваҷҷуҳ зоҳир шавад. Танҳо аз ҳисоби иштирок дар ин раванди таҳлил, иштироккунандагон, бо эҳтимоли бештар, ба масъалаҳои гендерӣ таваҷҷуҳи зиёдтар зоҳир менамоянд ва метавонанд ғояҳое оиди он дошта бошанд, ки созмон чӣ кор карда метавонад, то онҳоро бо ёрии маълумоти наве, ки дар ихтиёр дорад, самарабахш бартараф намояд. Дар ҳар сурат, таҳлил бояд таваҷҷуҳро ба нигарониҳои гендерӣ ҷалб намояд ва метавонад дилсӯзии иштироккунандагонро бедор намояд, ки қаблан эҳсос ё дарк намекарданд.



# Марҳилаи 2.

## Таҳия кардани консепсияи дақиқи уҳдадориҳои созмон дар мавриди ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ

Муваффақияти раванди мазкур аз талошҳои кормандони ҳамаи сатҳҳо, дарки умумии вазифа ва маҷмӯи дақиқи ҳадафҳое вобаста аст, ки мақомоти идоракунанда ва роҳбарияти созмон гузоштаанд. Консепсияи дақиқи уҳдадориҳо дар самти ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ метавонад ҳар гуна ҷанбаҳои зеринро дар бар гирад:

- Муқаррар кардани квотаҳои гендерӣ барои занону мардон дар вазифаҳои роҳбарикунанда;
- Ба барномаи омӯзиши техникӣ оид ба масъалаҳои истифодаи самарабахши об, сохтмон ва хизматрасонии системаҳои инфрасохтори об ва мониторинги сифати об ворид кардани занону духтарон;
- Таҳия ва татбиқ кардани модулҳои таълимӣ дар соҳаи захираҳои об ва муҳити зист, захираҳои об ва пешбурди кишоварзии устувор, захираҳои об ва принсипҳои шаффофияту ҳисоботдиҳӣ;
- Таъмин намудани иштироки фаъолонаи занон дар фаъолиятҳои банақшагирӣ, ҷамъоварии иттилоот, мониторинг ва арзёбии натиҷаҳо;
- Барқарор кардани ҳамкориҳо бо созмонҳои ғайридавлатии маҳаллӣ ва байналмилалӣ, ки бо масъалаҳои баробарии гендерӣ ва идоракунии захираҳои об машғуланд.

Муйянсозии уҳдадориҳо оид ба масъалаҳои гендерӣ бояд табиатан аз хулосаҳои таҳлили баргузоршуда дар ин соҳа сарчашма гирад ва бо вазифаҳову самтҳои мушаххаси фаъолияти созмон мутобиқ бошад. Дар уҳдадориҳо хусусиятҳои дохилии созмон бояд инъикос шаванд ва ҷанбаҳои фаъолияти созмон ва лоиҳаҳое ба эътибор гирифта шаванд, ки ҷанбаҳои гендерӣ доранд. Масалан, дар ҳолатҳое, ки занон дар вазифаҳои роҳбарикунанда нокифоя муаррифӣ шудаанд, созмон метавонад уҳдадор шавад, ки шумораи занонро дар чунин вазифаҳо афзоиш диҳад. Бо такя ба гузориш дар бораи таҳлили ҷанбаҳои гендерии кори созмон, иштироккунандагон метавонанд уҳдадориҳои аз нуқтаи назари онҳо муҳимтарро интихоб кунанд, тренер бояд ба онҳо ёрӣ расонад, ки дидгоҳи худро барои уҳдадориҳои созмон дар ин соҳа таҳия намоянд.



# Марҳилаи 3.
## Таҳия кардани нақшаи амал оид ба масъалаҳои гендерӣ

Консепсияе, ки дар марҳилаи дувум таҳия шудааст, моҳиятан сиёсати гендерӣ мебошад, яъне изҳороти ҷамъиятӣ дар бораи ӯҳдадорӣ оиди ҷиддӣ қабул намудани масъалаҳои гендерӣ. Дар заминаи идоракунии захираҳои об чунин маҷмӯи чорабиниҳо ҳам фарҳанги дохилии созмон ва ҳам барномаҳову лоиҳаҳоро дар бар мегирад. Ғайр аз ин, он нақшаи амал оид ба масъалаҳои гендериро инъикос менамояд, ки дар он чӣ гуна амалӣ шудани ин чорабиниҳо зикр мешаванд. Ҷалби кормандон ба таҳия кардани нақшаи амал ба ташаккули эҳсоси соҳибият мусоидат менамояд. Роҳнамои мазкур дар самти таҳия кардани чунин нақшаи амал хусусияти машваратӣ дорад ва ба созмонҳо тавсия дода мешавад, ки мавodро бо вазифаҳову шароитҳои худ мутобиқ намоянд.

### Ӯҳдадории ҳайати идоракунии созмон

Барои таҳия кардани нақшаи амал оид ба масъалаҳои гендерӣ хеле муҳим аст, ки роҳбарони созмон ӯҳдадории ҷиддӣ нишон диҳанд ва корро роҳбарӣ намоянд. Танҳо роҳбарони созмон метавонанд тамоми созмонро ба иштирок дар ин кор даъват намуда, ҳамоҳангии нақшаи амал ва буҷети созмонро бо  ҷудо намудани миқдори кофии маблағ барои амалисозии нақша, таъмин намоянд.

### Гурӯҳи корӣ

Гурӯҳи кории дохилии созмон, ки вазифаҳои дар пешаш гузошта ва мӯҳлати иҷрои онҳоро хуб дарк менамояд, нақшаи амалро таҳия намуда, намояндагии ҳамаи барномаҳо ва сатҳҳои мавҷудаи созмонро таъмин мекунад.

### Машваратҳо бо ҷонибҳои манфиатдор

Баъд аз омода кардани таҳлили вазъият ва ниёзмандиҳои мавҷуда, гурӯҳи корӣ ба мулоқотҳои машваратӣ бо ҷонибҳои манфиатдории асосӣ аз ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар гуна шарикони дигар шурӯъ менамояд.

Агар баргузор намудани машварат бо шарикони берунӣ имконнопазир бошад, гурӯҳи корӣ метавонад барномаҳову санадҳои стратегии асосии давлатиро мавриди омӯзиш қарор диҳад.

### Тарҳи нақша

Гурӯҳи корӣ лоиҳаи нақшаи амал оид ба масъалаҳои гендериро таҳия менамояд, ки ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

- Коре, ки барои ҳалли масъалаҳои гендерӣ дар чорчӯбаи лоиҳа ё барнома иҷро мешавад;
- Нишондиҳандаҳои бомақсад ва хусусиятҳои сохторие, ки ба лоиҳа ё барнома барои ҳалли масъалаҳои гендерӣ ва таъмин намудани натиҷаҳои назаррас барои занону мардон, махсусан дар ҷомеаҳои осебпазир, ворид шудаанд;
- Механизмҳое, ки татбиқи чунин унсурҳои сохториро таъмин менамоянд;
- Нишондиҳандаҳо барои мониторинг ва арзёбии натиҷаҳои коре, ки масъалаҳои гендериро ба эътибор мегиранд.

Агар фаъолиятҳои берунӣ ба нақша гирифта шуда бошанд, пас барои таъмини фарогирии ҳадди аксари онҳо стратегияи коммуникатсия бо ҷомеа бояд ба нақшаи амал оид ба масъалаҳои гендерӣ замима шавад.

### Таҳияи нақша

Таҳияи нақшаи амал оид ба масъалаҳои гендерӣ – кӯшишҳои гурӯҳи кориест, ки барои баррасии лоиҳа чанд давраи мулоқотро талаб менамояд ва барои анҷом додани он метавонад машваратҳои иловагии дохилиро талаб кунад. Тренери соҳибтахассус метавонад ба ташкилу баргузор кардани чунин семинарҳо ёрӣ расонад.

Намунаи нақшаи амал оид ба ҳалли масъалаҳои гендерӣ дар зер дода шудааст.

## Намунаи нақшаи амал оид ба масъалаҳои гендерӣ

Эзоҳ: Ба созмонҳо тавсия дода мешавад, ки намунаи пешниҳодшударо мутобиқи ниёзмандиҳои мушаххаси худ тағйир диҳанд.

### Ӯҳдадориҳои созмон

**Намунаи ӯҳдадориҳое, ки созмони соҳаи об метавонад бар дӯши худ гирад:**

- Зиёд кардани шумораи занон дар ҳайати роҳбарии баландрутбаи созмон;
- Такмил додани шароитҳои корӣ бо дарназардошти ниёзмандиҳои оила;
- Вусъат додани иштироки аҳолии маҳаллӣ, аз ҷумла занон, дар идоракунии захираҳои фаросарҳадии об бо мақсади пешгирии низоъ дар минтақа;
- Бо дарназардошти эҳтиёҷоти мушаххаси гендерӣ, беҳтар кардани дастрасии солонаи об барои обёрӣ ва истифодаи маишии хонавода, ки аз нигоҳи нарх қобили қабул аст.

**Намунаи изҳорнома барои натиҷаҳои миёнамуҳлат ва (ё) натиҷаҳои дарозмуҳлат**

Дар натиҷаи амалисозии нақша имкониятҳои соҳибкории [шумораи тахминӣ ё ҳисса ба ҳисоби дарсадӣ] корхонаҳои кишоварзии таҳти сарварии занон ё ба онҳо тааллуқдошта аз ҳисоби рушди зарфияте, ки ба занон нигаронида шудааст, ҳам дар чорчӯбаи созмон ва ҳам дар чорчӯбаи лоиҳаҳо, инчунин аз ҳисоби тағйир додани дастрасии об барои обёрӣ бо ҳадафи қонеъсозии эҳтиёҷоти занон ва барои обёрии боғҳои занону хонаводаҳо васеъ хоҳанд шуд.

Дар бисёр ҳолатҳо, натиҷаҳои миёнамуҳлат ҳам бо фаъолияти худи созмон ва ҳам бо лоиҳаҳои берунӣ алоқаманд хоҳанд буд. Дар чунин ҳолатҳо, алоҳида таҳия кардани натиҷаҳои миёнамуҳлати изҳоршуда, сипас номбар кардани фаъолиятҳои дахлдор, нишондиҳандаҳои самарабахшии фаъолиятҳои гендерӣ, нишондиҳандаҳои бамақсад, муҳлатҳо ва масъулиятҳои аз нигоҳи гендерӣ тақсимбандишуда зарур мебошад.

**Натиҷаҳои дарозмуҳлат** тағйироти интизорравандаро дар шароитҳои пешрафте тавсиф менамоянд, ки дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда рӯй медиҳанд. Онҳо метавонанд бо тағйирот дар фаъолияти муассисаҳо алоқаманд бошанд.[34]

**Натиҷаҳои миёнамуҳлат** молҳо ва хизматрасониҳои мушаххасе мебошанд, ки дар чорчӯбаи барнома тавлид мешаванд. Натиҷаҳои миёнамуҳлат низ метавонанд тағйирот дар маҳоратҳо, қобилиятҳо ё имкониятҳои шахсон ё муассисаҳои алоҳида дар натиҷаи хотима ёфтани фаъолияте бошанд, ки дар чорчӯбаи чорабиниҳои созмон дар соҳаи рушд амалӣ мешаванд.[35]

### Фаъолиятҳо – рӯйхате, ки амалан аз ҷониби созмон корҳои иҷрошавандаро инъикос менамояд, масалан:

- Семинар оид ба таълими маҳоратҳои идоракунӣ барои заноне, ки дар сатҳи миёнаи роҳбарӣ қарор доранд;
- Насб кардани нуқтаҳои обгирӣ дар дохили минтақаҳои деҳот ё дар хонаводаҳо;
- Таъсис додани шабакае, ки занон-деҳқонон ва намояндагони ҳукуматро бо ҳам мепайвандад.

### Нишондиҳандаҳо ва вазифаҳо (ба Марҳилаи 4 дар зер нигаред)

### Мӯҳлат

Нақша муайян менамояд, ки кай созмон ният дорад, ки ҳар як вазифа ва нишондиҳандаро иҷро кунад.

### Масъулиятҳо

Нақша муайян менамояд, ки кӣ барои иҷрои ҳар як вазифа ва нишондиҳанда масъул аст.

### Буҷет (ба Марҳилаи 5 дар зер нигаред)

Нақша хароҷоти тақрибиро инъикос менамояд.

Аз рӯи маводҳои “Фонди иқлими сабз”, бо тағйироту иловаҳо[36]

[34] Angela Bester, Results-Based Management in the United Nations Development System (United Nations Department of Economic and Social Affairs, 2016), p. iii

[35] Ҳамон ҷо.

[36] GCF, Gender Analysis/Assessment and Gender and Social Inclusion Action Plan Templates. (GCF, 2018), саҳ. 5-6



# Марҳилаи 4.
## Таҳия кардани маҷмӯи нишондиҳандаҳо

Мақсадҳо ё вазифаҳое, ки дар нақшаи амал оид ба масъалаҳои гендерӣ муайян шуданд, барои муайян кардани нишондиҳандаҳо ҳамчун асос хизмат мекунанд. Таҳия кардани нишондиҳандаҳое, ки барои пайгирии муваффақиятҳо дар самти расидан ба ҳадафҳои гузошташуда метавон истифода бурд, қисми муҳими арзёбии лоиҳа мебошад ва маҷмӯи нишондиҳандаҳои хуб метавонад ба роҳбарон, ҷонибҳои манфиатдор, донорҳо ва аҳолӣ маълумот диҳад, ки то чӣ андоза ин ё он лоиҳа масъалаҳои гендериро бомуваффақият бартараф кардааст.

Ҳангоми таҳия кардани сиёсати гендерӣ дар соҳаи идоракунии захираҳои об, мисли ҳар гуна таҳияи моҳиронаи сиёсат, сохтори демографии аҳолие ба эътибор гирифта мешавад, ки мавриди ҳадаф қарор гирифтааст, вале сиёсати гендерӣ иттилооти миқдориеро алоҳида ба эътибор мегирад, ки ба мардону занон тақсимбандӣ шудааст. Тақсимбандии иттилоот аз рӯи ҷинс, синну сол ва мақоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ метавонад маълумот диҳад, ки кадом гурӯҳҳо бештар аз ин ё он масъалаи мушаххас осеб дидаанд ва метавонад ба интихоби чорабиниҳо, барномаҳо ва стратегияҳое кумак расонад, ки ба қонеъсозии ниёзмандиҳои мушаххас равона шудаанд. Истифода бурдани иттилооти тақсимбандишуда метавонад барои баъзе нишондиҳандаҳо махсусан муфид бошад.

Яке аз рӯйкардҳои маъруф барои таҳия кардани нишондиҳандаҳо ин шурӯъ кардан бо меъёрҳое мебошад, ки мутобиқи онҳо нишондиҳандаҳо бояд мушаххас, қобили андозагирӣ, имконпазир, муҳим ва маҳдуд бо муҳлатҳои мушаххас бошанд (ба ном SMART-нишондиҳандаҳо). Ин меъёрҳо ҳангоми таҳия кардани нишондиҳандаҳои нав ё бознигарии нишондиҳандаҳои кӯҳна судманд мебошанд.

### SMART-нишондиҳандаҳо

| | |
|---|---|
| **Мушаххас** | Нишондиҳанда бояд дақиқ тавсиф намояд, ки чӣ бояд андозагирӣ шавад ва наметавонад дар як замон чанд параметрро дар бар гирад. |
| **Қобили андозагирӣ** | Сарфи назар аз ин, ки нишондиҳандаро кӣ истифода мебарад, натиҷаҳо бояд дар шароитҳои яххела ба даст оварда шаванд ва пайгирӣ шаванд. |
| **Имконпазир** | Ҷамъоварии иттилоот барои нишондиҳанда бояд содда, қобили фаҳм ва аз нигоҳи иқтисодӣ самарабахш бошад. |
| **Муҳим** | Нишондиҳанда бояд бо ҳар як саҳмгузорӣ, натиҷаи миёнамуҳлат ё натиҷаи дарозмуҳлат зич алоқаманд бошад. |
| **Аз нигоҳи вақт маҳдуд** | Нишондиҳанда бояд муҳлати мушаххасро дар бар гирад. |

SMART-нишондиҳандаҳо барои ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ дар лоиҳаҳои соҳаи об метавонанд дар бар гиранд:

- Ҳиссаи занону мардон дар вазифаҳои роҳбарикунанда;
- Ҳиссаи занону мардон, ки дар қабули қарорҳо иштирок мекунанд;
- Ҳиссаи занону мардон, ки онҳо ба оби обёрӣ дастрасӣ доранд.

Нишондиҳандаҳои мазкурро метавон истифода бурд, агар таҳлили дар созмон баргузоршуда нишон диҳад, ки занон дар вазифаҳои роҳбарикунанда ва раванди қабули қарорҳо ба таври нокифоя муаррифӣ шуда бошанд ва созмон уҳдадор шудааст, ки ба намояндагии баробар муваффақ шавад, ки сипас, ба нақша ворид мешавад ва татбиқи он ба муҳлати муайян пешбинӣ мешавад.

Бонки осиёии рушд[37] нақшаҳои амал оид ба масъалаҳои гендериро дар дастурамалҳои идоракунии лоиҳа ворид менамояд ва маҷмӯи тавсияҳои таҳияшуда оид ба интихоби нишондиҳандаҳои гендерӣ маслиҳатҳоеро дар бар мегирад, ки нишондиҳандаҳо бояд маҳз чиро андозагирӣ кунанд.

- Фарқиятҳо дар дараҷаи иштирок, манфиатҳо, натиҷаҳо ва пайомадҳо барои занон, мардон, писарон ва духтарон:
  - ҳиссаи занон дар вазифаҳои роҳбарикунанда;
  - шумораи заноне, ки ба оби обёрӣ дастрасӣ доранд;
  - ҳиссаи бозоре, ки аз ҷониби ширкатҳои таҳти сарварии занон идорашаванда.
- Тағйирот дар муносибатҳои гендерӣ (мусбат ё манфӣ), яъне тағйирот ба самти баробарҳуқуқӣ ё ба самти нобаробарҳуқуқии байни мардону занон ва байни духтарону писарон:
  - афзоиши шумораи заноне, ки дар қабули қарорҳо иштирок мекунанд;
  - коҳиш ёфтани нобаробарии байни мардону занон, ки бо дастрасӣ ба дороиҳои молиявӣ алоқаманд аст;
  - вусъат ёфтани амали таҳияи буҷет барои лоиҳаҳои созмони мушаххас бо дарназардошти омилҳои гендерӣ.
- Чӣ гуна тағйироти мазкур дар самти муваффақ шудан ба ҳадафҳои рушд, махсусан ба рушди иқтисодӣ, коҳиши миқёси камбизоатӣ ва расидан ба рушди устувор таъсир мерасонанд:
  - ҳиссаи тамоми аҳолии машғул дар соҳаи кишоварзӣ, ки соҳибҳуқуқ аст ё ба заминҳои кишоварзӣ ҳуқуқи собит дорад, алоҳида аз рӯи ҷинс;
  - ҳиссаи занон дар миёни моликон ё соҳибони ҳуқуқ ба заминҳои кишоварзӣ, алоҳида аз рӯи навъи ҳуқуқ ба замин.

Ин маҷмӯи тавсияҳо[38] низ рӯйхати саволҳоеро дорад, ки ҳангоми интихоб кардани нишондиҳандаҳои баробарии гендерӣ бояд ба онҳо муроҷиат шавад:

- Оё ҷонибҳои манфиатдор мефаҳманд, ки чаро ҷамъоварӣ кардани иттилооти аз рӯи ҷинс тақсимбандишуда ва баргузор кардани таҳлили хусусиятҳои иҷтимоиву гендерӣ муҳим аст?
- Оё тақвият додани зарфияти шарикон ва иштироккунандагон дар соҳаи ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти тақсимбандишуда аз рӯи ҷинс зарур аст;
- Иттилоот барои кӣ пешбинӣ шудааст? Оё ҷонибҳои манфиатдор мефаҳманд, ки иттилоот чӣ гуна истифода хоҳад шуд ва оё он ба ниёзмандиҳои онҳо мутобиқ аст?
- Оё нишондиҳандаҳо осонфаҳм ҳастанд ва осон истифода мешаванд? Оё иттилоотро бо истифода аз шабакаҳои мавҷудаи маҳаллӣ бе мушкилӣ метавон ҷамъоварӣ кард?
- Оё нишондиҳандаҳо ба шарикон сарбории нави ҳисоботдиҳиро зам мекунанд ё онҳо бо уҳдадориҳои мавҷудаи ҳисоботдиҳӣ танзим шудаанд?
- Оё иттилооти ҷамъоваришаванда ба мо нишон медиҳад, ки оё ҳадафҳои рушд ҳам барои занон ва ҳам барои мардон ба даст омадааст ва оё ягон тафовути назаррас дар натиҷаҳои мусбат барои занону мардон, писарону духтарон вуҷуд доранд?
- Оё нишондиҳандаҳо ба андозагирии миқдории натиҷаҳо дар соҳаи баробарии гендерӣ, монанди иштироки занону мардон, манфиатҳо, натиҷаҳо ва пайомадҳо, ёрӣ хоҳанд расонд?
- Оё нишондиҳандаҳо ба андозагирии миқдории тағйирот ва тамоюлҳои муносибатҳои гендерӣ бо мурури замон, инчунин арзёбии сабабҳои ин тағйироту тамоюлҳо ёрӣ хоҳанд расонд?
- Оё барои ҷамъоварии иттилоот ҳам методҳои миқдорӣ ва ҳам методҳои сифатӣ истифода хоҳанд шуд?
- Оё барои муайян кардани нишондиҳандаҳо таҳлили омилҳои иҷтимоӣ ва гендерӣ истифода шудаанд?
- Оё нишондиҳандаҳо барои баланд бардоштани самаранокии тадбирҳо иттилоотро, барои рафъи нобаробарии гендерӣ ва мусоидат намудан ба баробарии гендерӣ, таъмин мекунанд?

Дар замима рӯйхати истинодҳо ба манбаъҳои нишондиҳандаҳои онлайнӣ оварда шудааст, ки онҳоро якҷо бо нақшаи амал оид ба масъалаҳои гендерӣ метавон истифода бурд.

---

[37] ADB, Tool Kit on Gender Equality Results and Indicators. (Asian Development Bank, 2018), саҳ. 6

[38] Ҳамон ҷо.



# Марҳилаи 5.
## Эҷод кардани системаи таҳияи буҷет ва ҳисоботдиҳӣ

Буҷетҳои лоиҳаҳо метавонанд барои созмонҳо ҳамчун абзоре хизмат кунанд, ки ба таври баробар манфиат гирифтани занону мардонро аз натиҷаҳои мусбати барномаҳо дар соҳаи захираҳои об кафолат диҳанд. Буҷетҳо табиатан абзорҳои аз нигоҳи сиёсӣ бетарафи гендерӣ нестанд ва метавонанд ба тақсимоти нобаробари захираҳои молиявӣ байни навъҳои гуногуни фаъолият натиҷа диҳанд ва ниҳоят, ба иҷрои уҳдадориҳои ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ монеъ шаванд. Ҳангоми навиштани консепсияи тартибдиҳии буҷет бо дарназардошти омили гендерӣ, созмони “СММ-Занон” махсус ба ҷанбае таваҷҷуҳ зоҳир менамояд, ки маънои чунин сиёсати буҷетӣ таҳия кардани буҷетҳои алоҳида барои занон нест ё танҳо зиёд кардани хароҷоти барнома барои занон нест.

Баръакс, тартиб додани буҷет бо дарназардошти омилҳои гендерӣ ба ҷанбае равона шудааст, ки ҷамъоварӣ ва тақсимоти захираҳои давлатӣ самарабахш амалӣ шаванд, ба пешбурди баробарии гендерӣ саҳм гузоранд ва ҳуқуқу имкониятҳои занонро вусъат бахшанд. Он бояд бар таҳлили амиқ асос ёфта, ба муайянсозии тадбирҳои самарабахши амалисозии сиёсат ва татбиқи қонунҳое имкон диҳад, ки ба таҳкими ҳуқуқи занон мусоидат менамоянд. Он имконият медиҳад, ки ниёзмандиҳову саҳмгузориҳои гуногуни мардону занон ва писарону духтаронро ба даромадҳо, хароҷот ва маблағҳои ҷудошаванда арзёбӣ шаванд ва ба мутобиқсозии сиёсатҳои буҷетӣ ба манфиати ҳамаи ин гурӯҳҳо даъват менамояд.[39]

Чунин рӯйкарди тартиб додани буҷет ба андозаи баробар дар сатҳи созмон низ татбиқпазир аст.

[39] UN Women, Gender Responsive Budgeting

# Ихтисораҳо

| | |
|---|---|
| **БОР** | Бонки осиёии рушд |
| **АИО** | Ассосиатсияи истифодабарандагони об |
| **ЮСАИД** | Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ |
| **ТУТ** | Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ |
| **БАТР** | Бонки аврупоии таҷдид ва рушд |
| **КИСММА** | Комиссияи иқтисодии Созмони Милали Муттаҳид барои Аврупо |
| **ФИС** | Фонди иқлими сабз |
| **ФСИ** | Фонди сармоягузории иқлим |
| **ИҲЗО** | Идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои об |
| **СҒД** | Созмони ғайридавлатӣ |
| **САҲА** | Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо |
| **СММ** | Созмони Милали Муттаҳид |
| **СҲИР** | Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд |
| **НАМГ** | Нақшаи амал оид ба масъалаҳои гендерӣ |
| **РКОСММҲИ** | Раёсати комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон |
| **ЮНЕП** | Барномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист |
| **ЮНИСЕФ** | Фонди кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид |
| **CGIAR** | Гурӯҳи машваратии таҳқиқоти байналмилалии соҳаи кишоварзӣ |
| **EIGE** | Институти Аврупо оид ба масъалаҳои баробарии гендерӣ |
| **PPCR** | Барномаи пилотӣ барои баланд бардоштани устуворӣ ба тағйирёбии иқлим |
| **WECF** | Ҷалби занон барои ояндаи умумӣ |

# Манбаъҳои истифодашуда

Asian Development Bank. "Women, Water and Leadership." *ADB Briefs* (2014). Accessed on January 29, 2020. https://www.womenforwater.org/uploads/7/7/5/1/77516286/2016_adb_women-water-and-leadership.pdf

Asian Development Bank. "Tool Kit on Gender Equality Results and Indicators." *Asian Development Bank* (2018). Accessed on January 29, 2020. https://www.adb.org/sites/default/files/institutional-document/34063/files/tool-kit-gender-equality-results-indicators.pdf

Bester, Angela. "Results-Based Management in the United Nations Development System." *United Nations Department of Economic and Social Affairs* (2016). Accessed on January 29, 2020. https://www.un.org/en/ecosoc/qcpr/pdf/sgr2016-studies-rbm-8jan2016.pdf

Duban, Elisabeth. "Tajikistan: Country Gender Assessment." *Asian Development Bank* (2016). Accessed on January 29, 2020. https://www.adb.org/sites/default/files/institutional-document/185615/tajikistan-cga.pdf

European Bank for Reconstruction and Development. "How private sector investment can support gender-responsive, climate-resilient development in Tajikistan: Guidance Note." Gender Guidance Note (2019). Accessed on January 29, 2020. https://www.climateinvestmentfunds.org/sites/cif_enc/files/knowledge-documents/gender_guidance_note_web_september2019final.pdf

European Institute for Gender Equality. "Gender Blindness." Accessed on January 29, 2020. https://eige.europa.eu/thesaurus/terms/1157

European Institute for Gender Equality. "Gender Neutral." Accessed on January 29, 2020. https://eige.europa.eu/thesaurus/terms/1190

European Institute for Gender Equality. "What is gender mainstreaming?" Accessed on January 29, 2020. https://eige.europa.eu/gender-mainstreaming/what-is-gender-mainstreaming

Global Water Partnership. "Integrated water resources management in Central Asia: The challenges of managing large transboundary rivers." *Global Water Partnership* (2014). Accessed on January 29, 2020. https://www.gwp.org/globalassets/global/toolbox/publications/technical-focus-papers/05-integrated-water-resources-management-in-central-asia.pdf

Green Climate Fund. "Gender Analysis/Assessment and Gender and Social Inclusion Action Plan Templates." GCF (2018). Accessed on January 29, 2020. https://www.greenclimate.fund/documents/20182/574712/Form_09_-_Gender_Assessment_and_Action_Plan_Template.pdf/3f4b8173-fbb2-4bc7-9bff-92f82dadd5c0

Lefore, N., Weight, E. and Mukhamedova, N. "Improving Gender Equity in Irrigation: Application of a Tool to Promote Learning and Performance in Malawi and Uzbekistan." *R4D Learning Series* (2017). Accessed on January 29, 2020. http://www.iwmi.cgiar.org/Publications/wle/r4d/wle_research_for_development-learning_series-6.pdf

March, C., Smyth, I. and Mukhopadhyay, M. "A Guide to Gender-Analysis Frameworks." OXFAM (1999). Accessed on January 29, 2020. http://policy-practice.oxfam.org.uk/publications/a-guide-to-gender-analysis-frameworks-115397

Organisation for Economic Co-operation and Development. "OECD Principles on Water Governance." *Centre for Entrepreneurship, SMEs, Regions and Cities* (2015). Accessed on January 29, 2020. https://www.oecd.org/cfe/regional-policy/OECD-Principles-on-Water-Governance.pdf

Organisation for Economic Co-operation and Development. "Stakeholder Engagement for Inclusive Water Governance." *OECD Studies on Water* (2015). Accessed on January 29, 2020. https://www.oecd.org/gov/stakeholder-engagement-for-inclusive-water-governance-9789264231122-en.htm

Organization for Security and Co-operation in Europe. "Aarhus Centres: Water resource management." Accessed on January 29, 2020. https://aarhus.osce.org/activities/water-resources-management

Organization for Security and Co-operation in Europe. “Women, water and security.
” *Environmental activities, Gender equality* (2015). Accessed on January 29, 2020.
https://www.osce.org/secretariat/176671

Organization for Security and Co-operation in Europe, Gender mainstreaming in Aarhus Activities: A guideline for practitioners (OSCE Secretariat, OSG/Gender Section, 2012), p.15
Accessed on January 29, 2020.
https://www.osce.org/gender/87675?download=true

The Office of the High Commissioner for Human Rights (UN Human Rights). “Women’s Human Rights and Gender Equality.” Accessed on January 29, 2020.
https://www.ohchr.org/EN/Issues/Women/WRGS/Pages/WRGSIndex.aspx

The United Nations Children's Fund. “Gender Equality: Glossary of Terms and Concepts.”
*UNICEF Regional Office for South Asia* (2017). Accessed on January 29, 2020.
https://www.unicef.org/rosa/media/1761/file/Gender%20glossary%20of%20terms%20and%20%20concepts%20.pdf

The United Nations Entity for Gender Equality and the Empowerment of Women (UN Women).
“Gender Mainstreaming.” Accessed on January 29, 2020.
https://www.unwomen.org/en/how-we-work/un-system-coordination/gender-mainstreaming

The United Nations Entity for Gender Equality and the Empowerment of Women (UN Women). "Guidance Note: Gender Mainstreaming in Development Programming." The UN System Coordination Division of UN Women (2014). Accessed on April 29, 2020.
https://www.unwomen.org/-/media/headquarters/attachments/sections/library/publications/2014/gender-mainstreaming-issuesbrief-en%20pdf.pdf?la=en&vs=747

United Nations Economic Commission for Europe & Organization for Security and Co-operation in Europe. “Project Report: Development off cooperation on the Chu and Talas Rivers.” *Chu – Talas II* (2011).
Accessed on January 29, 2020.
https://www.unece.org/fileadmin/DAM/env/water/Chu-Talas/ChuTalas_II_Project_Report_Short_ENG.pdf

United Nations Environment Programme, United Nations Development Programme, Organization for Security and Co-operation in Europe, The North Atlantic Treaty Organization.
“Environment and Security: Transforming risks into cooperation.” *UNEP, UNDP, OSCE, NATO* (2005).
Accessed on January 29, 2020.
http://www.envsec.org/publications/ENVSEC.Transforming%20risks%20into%20cooperation.%20Central%20Asia.%20Ferghana-Osh-Khujand%20area_English.pdf

United Nations Environment Programme. “Global gender and Environment Outlook.”
*UN Environment* (2016). Accessed on January 29, 2020.
http://wedocs.unep.org/bitstream/handle/20.500.11822/14764/GLOBAL%20GENDER%20AND%20ENVIRONMENT%20OUTLOOK.pdf?sequence=1&isAllowed=y

United Nations Water. “Gender-disaggregated Data on Water and Sanitation: Expert Group Meeting Report.” *UN-Water Decade Programme on Capacity Development UNW-DPC* (2009).
Accessed on January 29, 2020.
https://www.unwater.org/publications/gender-disaggregated-data-water-sanitation-expert-group-meeting-report

United States Agency for International Development. “Monitoring Organizational Capacity Development Efforts.” *Learning Lab* (2018). Accessed on January 29, 2020.
https://usaidlearninglab.org/library/monitoring-organizational-capacity-development-efforts

W., E. “How taking gender into account can be good for a country’s economy.”
The Economist (2017) Accessed on January 29, 2020.
https://www.economist.com/the-economist-explains/2017/03/03/what-is-gender-budgeting

Women Engage for a Common Future International. “The gender impact assessment and monitoring tool.” *Women2030* (2018). Accessed on January 29, 2020.
https://www.women2030.org/wp-content/uploads/2019/01/FINAL-GIM-Tool-Jan-19.pdf

World Health Organization. “Integrating gender into HIV/AIDS programmes in the health sector: Tool to improve responsiveness to women’s needs.” *WHO press* (2009), Accessed on January 29, 2020.
https://apps.who.int/iris/bitstream/handle/10665/43980/9789241597197_eng.pdf;jsessionid=6B6E599B1A6D6660B3BC5B4FDCDA5441?sequence=1

# Замима:
## Абзорҳои арзёбии гендер

### Матритсаи таҳлили гендер

| | **Меҳнат** Кӣ чӣ кор мекунад? | | **Вақт** Барои иҷрои кадом кор чӣ қадар вақт сарф мешавад? | | **Захираҳо** Кӣ ба чӣ дастрасӣ дорад ва кӣ чиро идора мекунад? | | **Фарҳанг** Фарҳанг чӣ гуна ба дастрасӣ ва идоракунӣ таъсир мерасонад? | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ниҳодҳо** | Занон | Мардон | Занон | Мардон | Занон | Мардон | Занон | Мардон |
| **Хонавода** | | | | | | | | |
| **Ҷомеа** | | | | | | | | |
| **Ассоциатсияҳои истифодабар андагони об** | | | | | | | | |
| **Бассейновая ассоциация** | | | | | | | | |

Oxfam (1999) A Guide to Gender-Analysis Frameworks.[40]

### Истинодҳои муфид ба дигар механизмҳои арзёбии гендерӣ

World Bank Toolkit for Mainstreaming Gender in Water Operations (2016)
https://www.climateinvestmentfunds.org/sites/cif_enc/files/genderinwater_07_040416_web.pdf

OECD GENDERNET Practice Notes
https://www.oecd.org/dac/gender-development/44843807.pdf

World Health Organization Gender Assessment Tool
https://www.who.int/gender/mainstreaming/GMH_Participant_GenderAssessmentTool.pdf

**Намунаҳои нишондиҳандаҳо:**

- UNESCO Overview of resources on gender-sensitive data related to water (2015)
  http://www.unesco.org/new/fileadmin/MULTIMEDIA/HQ/SC/pdf/Overview_of_resources_on_gender_sensitive_data_related_t_01.pdf
- UNESCO Sex-disaggregated indicators for water assessment, monitoring and reporting (2015)
  https://unfccc.int/files/gender_and_climate_change/application/pdf/234082e.pdf
- OECD Gender Indicators: What, Why and How?
  http://www.oecd.org/dac/gender-development/43041409.pdf
- OSCE Project Management in the OSCE (2010)
  https://www.osce.org/secretariat/70693?download=true
- Compass
  https://www.thecompassforsbc.org/how-to-guides/how-develop-indicators

[40] C. March, I. Smyth and M.  Mukhopadhyay, A Guide to Gender-Analysis Frameworks. (Oxfam, 1999)



Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) ба идоракунии оқилонаи захираҳои об тавассути ташкил кардани курсҳои омӯзишӣ оид ба идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои об, дастгирии ассосиатсияҳои истифодабарандагони об ва шӯроҳои ҳавзаҳои дарё, инчунин тарғиби ба эътибор гирифтани масъалаҳои гендерӣ дар амалияи идоракунии захираҳои об мусоидат менамояд. Идоракунии захираҳои об барои амнияту субот дар минтақаи САҲА ва берун аз ҳудуди он аҳамияти ҳалкунанда дорад ва танҳо бо роҳи ҳамкории байни кишварҳо метавонад бомуваффақият амалӣ карда шавад. Таъмин намудани асос барои ҳамоҳангсозии бисёрсоҳавӣ ва бисёрҷониба дар идоракунии захираҳои об зарур аст; на танҳо давлат, балки ҷомеаи шаҳрвандӣ, ширкатҳои хусусӣ ва аҳолии маҳаллӣ бояд дар ин кор фаъолона иштирок намоянд.

САҲА талош меварзад, ки ба пешбурди дурнамои гендерӣ дар фаъолиятҳои худ, ки бо идоракунии захираҳои об ва дипломатияи об алоқаманданд, бо дарназардошти таъсири сиёсати об ба вазъи мушаххаси гендерӣ ва потенсиали васеи ворид кардани масъалаҳои дахлдори гендер ба соҳаи захираҳои об ҷиҳати таъмин намудани идоракунии бештар одилона ва самарабахши онҳо мусоидат намояд.

САҲА роҳнамои мазкурро барои ба эътибор гирифтани масъалаҳои гендерӣ дар соҳаи идоракунии захираҳои об дар Осиёи Марказӣ таҳия кардааст, ки барои кормандони соҳаи об дар минтақа судманд аст. Ба эътибор гирифтани омилҳои гендерӣ ҳангоми идоракунии захираҳои об ба суботу амният мусоидат менамояд, чунки метавонад самарабахшии фаъолиятҳои амалишавандаро баланд бардорад ва ба коҳиши нобаробариву шиддати иҷтимоӣ натиҷа диҳад. Вақте, ки занону мардон ба дараҷаи баробар масъалаҳои чӣ гуна истифода бурдани обро ҳал мекунанд, ин чорасозиҳо бештар ба қонеъсозии талаботи гурӯҳҳои мушаххас равона мешаванд ва ниёзмандиҳои тамоми аҳолиро беҳтар ба эътибор мегиранд.

Қирғизистон, водии Фарғона
Дар каналҳои пурпечутоби обёриву обпартое, ки саросари Осиёи Марказиро фаро гирифтаанд
© Carolyn Drake/Magnum Photos

Organization for Security and Co-operation in Europe

Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо

Wallnerstrasse 6
A-1010 Vienna, Austria
Tel.: +43 1 514 360

pm@osce.org
www.osce.org